

**Фаъолияти яксолаи вазорат баррасӣ шуд**

с. 3



**Одоби муошират ҷузъи муҳими кори табибист**

с. 4



**Кошонаҳои ҳусн ва сартарошхонаҳо зери назоратанд**

с. 9


# Паёми шифо

*Халқи тоҷик теғи дармонбахши Синоро гирифт,*
*Теғи дармонбахши Сино рӯи дунёро гирифт.*

№1 (19) 30.01.2019 // www.moh.tj, info@moh.tj
nashriyai.shifo@mail.ru

Аз моҳи феврали соли 2018 нашр мешавад

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


**21 январ дар бинои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

# Маҷлиси васеи
## Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон



Дар кори маҷлис роҳбарият ва аъзои Ҳукумати кишвар, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воҳидҳои сохтории он, роҳбарони мақомоти марказии давлатӣ, идораҳои назди Президент ва Ҳукумат, корхонаю муассисаҳои ҷумҳуриявӣ, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони муассисаҳои олии таълимӣ, марказҳои татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ, бонкҳои давлатӣ ва саҳҳомӣ, рӯзномаю маҷаллаҳои расмӣ ва дигар шахсони масъул иштирок карданд.

Дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар дар соли 2018 натиҷагирӣ ва вазифаҳои асосӣ барои соли 2019 муайян карда шуд. Аъзои Ҳукумат вазъи воқеии иқтисодиву иҷтимоии мамлакат, иҷрои стратегияву барномаҳо ва нақшаҳои қабулшуда ва дастуру супоришҳое, ки аз тарафи Сарвари давлат дар Паём ба Маҷлиси Олӣ, дар ҷаласаҳои Ҳукумат ва дар ҷараёни сафарҳои корӣ ба шаҳру ноҳияҳои мамлакат гузошта шудаанд, инчунин, камбудиву норасоиҳо ва мушкилоту масъалаҳои дар соҳаҳои мухталиф ҷойдошта ва роҳҳои ҳалли онҳоро мавриди таҳлилу баррасии ҳамаҷониба қарор доданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кори маҷлисро оғоз бахшида, таъкид намуданд, ки соли 2018 дар маҷмӯъ барои мардуми тоҷик соли бобарору таърихӣ ба ҳисоб рафта, бо ҷаҳду талошҳои сокинони мамлакат бо натиҷаҳои назаррас ҷамъбаст гардид.

Дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаҳои рушди иқтисодию иҷтимоӣ дар соли 2018 ҳисоботи Сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода шунида шуд.

**(Давомаш дар саҳ.2)**



**Кумаки аввалияи тиббӣ ройгон аст**

с.5



**Тамоку – моводи тасиндиҳанда ё омили бемориҳои вазнин?**

с.11

# Маҷлиси васеи

## Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

(Аввалаш дар саҳ.1)

Тавре таъкид гардид, бо вуҷуди вазъи мураккаби иқтисодиёти ҷаҳон ва минтақа, дар натиҷаи андешидани тадбирҳои Ҳукумати Тоҷикистон тахти роҳбарии бевоситаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва татбиқи саривақтии ҳуҷҷатҳои стратегӣ дар соли 2018 рушди иқтисоди кишвар дар сатҳи устувор нигоҳ дошта шуд. Ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 68,8 млрд. сомонӣ баробар гардида, суръати рушд 7,3 фоизро ташкил дод.

Афзоиши як қатор нишондиҳандаҳо, аз ҷумла маҳсулоти саноатӣ 11,8 фоиз, кишоварзӣ 4 фоиз, маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ 7,8 фоиз, ҳаҷми умумии гардиши савдо 15,4 фоиз ва хизматрасониҳои пулакӣ 2,1 фоиз ба рушди иқтисодӣ мусоидат намуд. Дар давраи ҳисоботӣ таваррум дар сатҳи муътадил нигоҳ дошта шуда, 5,4 фоизро ташкил дод.



Дар кори маҷлис инчунин ҳисоботи вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Насим Олимзода, вазири фарҳанг Шамсиддин Орумбекзода, вазири маориф ва илм Нуриддин Саид ва вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ Сумангул Тағойзода шунида шуд.

Сарвари давлат ҷиҳати пешгирии бемориҳои сироятӣ дар байни аҳолӣ, беҳтар кардани сифати хизматрасонии тиббӣ, хусусан ёрии аввалияи тиббӣ, рушди фармасевтикаи миллӣ, пешгирии фавти кӯдакон, ҳалли масъалаҳои вобаста ба нарасидани мутахассисон дар муассисаҳои соҳаи фарҳанг, фарогирии бештари кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ, баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, ба забономӯзии бештар фаро гирифтани хонандагон дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, афзалият додан ба таҳсили духтарони деҳоти дурдасти мамлакат дар муассисаҳои олии таълимӣ аз ҳисоби квотаи Президентӣ, ташкили коргоҳҳои хурди истеҳсоли ҳунарҳои мардумӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва ба бозомӯзӣ фаро гирифтани калонсолон, ба роҳбарони вазоратҳои номбаршуда дастуру супоришҳои қатъӣ доданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар таъкид намуданд, ки ҳар яки мо ташаббускор бошем, ба мардум хизмат намоем ва тамоми донишу таҷрибаи худро ба пешрафти давлат, ободии Ватан ва боз ҳам беҳтар гардонидани шароити зиндагии шоистаи сокинони кишвар равона созем.

Дар охир Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо итминон иброз доштанд, ки дар соли 2019 давлат ва миллати тоҷик дар натиҷаи меҳнати садоқатмандонаи мардум ва якдилию ҳамбастагии ҷомеа ба рушду пешрафти боз ҳам бештару хубтари иқтисодию иҷтимоӣ ноил мегарданд.

**Мухтасар аз сомонаи www.president.tj**

# Ҷаласаи корӣ дар ҳошияи

## Маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон



**22 январ дар ҳошияи Маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 21 январи соли равон бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир гашт, дар Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки вазир Олимзода Насим Хоҷа ҷаласаи корӣ баргузор гардид.**

Дар ҷаласаи мазкур сардорони Раёсат ва роҳбарони муассисаҳои тандурустӣ иштирок намуданд.

Олимзода Насим Хоҷа, вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба Маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтасар суханронӣ намуд.

Зикр гардид, ки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Маҷлиси навбатии Ҳукумат доир ба хизматрасонии иҷтимоӣ, махсусан, масъалаҳои нафақаи маъюбӣ эрод гирифта, оид ба ҳалли масъалаҳои кумаки аввалияи тиббӣ, одоби муоширати табибон, пешгирии бемориҳои сироятӣ, аз ҷумла ВНМО супоришҳои мушаххас доданд.

Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин доир ба саривақт расонидани кӯмаки аввалияи тиббӣ, муошират и табиб бо бемор, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ ва дигар масъалаҳои мубрами соҳа ибрози андеша намуда, ба роҳбарони муассисаҳои тандурустӣ супориши қатъӣ доданд, ки бояд ин масъалаҳо ҳалли саривақтии худро ёбанд. Махсусан, ёрии фаврии тиббӣ, ки ройгон мебошад, барои маблағгузории он дар шаҳру ноҳияҳо бо мақомоти иҷроияи маҳаллӣ низ бояд ҳамкорӣ кард, то ки ҳама муассисаҳои тандурустӣ, ки ба кумаки аввалия машғуланд, бо доруворӣ ва маводи тиббӣ таъмин бошанд.

Инчунин, доир ба корҳои ободонӣ, кабудизоркунӣ, гузаронидани шанбегиҳо ба муносибати 30-солагии Истиқлолияти давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулин супориш гирифтанд.

Дар охири ҷаласа аз ҷониби Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сардорони Раёсат ва роҳбарони муассисаҳои тандурустии кишвар доир ба бартараф намудани камбудиҳои мавҷудаи соҳа ва беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ, кумаки фаврии ройгони тиббӣ, гузаронидани хатнаи кӯдакон ба таври ройгон, пешгирии бемориҳои сироятӣ ва фавти модару кӯдак, пешгирӣ намудани воридоти маводи дорувории пастсифат, муоинаи даъватшудагон ба хизмати ҳарбӣ, беҳтар намудани сатҳи хизматрасонии тиббӣ ва сатҳи хизматрасониҳои иҷтимоӣ, саривақт ҷавоб додан ба муроҷиатҳои шаҳрвандон ва дигар масъалаҳо супоришҳои мушаххас дода шуд.

# Мубориза бо коррупсия пурзӯр мегардад

**22 январи соли ҷорӣ дар партави Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо иштироки Умарзода Саида Ғайрат, муовини якуми вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрии намояндагони Агентии назорати давлатии мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кормандони вазорат доир гашт.**

Дар вохӯрии мазкур Файзуллозода Маҳмадсаид Убайдулло, полковники адлия - сардори Сарраёсати мубориза бо коррупсия ва ҷиноятҳои иқтисодии характери коррупсионидоштаи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Абдуалимзода Насриддин Абдулло, полковники адлия-муовини сардори Сарраёсати мубориза бо коррупсия ва ҷиноятҳои иқтисодии характери коррупсионидоштаи агентии мазкур иштирок ва суханронӣ намуданд.

Дар нишаст қайд гардид, ки коррупсия имрӯз яке аз масъалаҳои доғи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба шумор рафта, он дар пешрафти тамоми соҳаҳо нақши манфӣ мегузорад. Аз ин рӯ, барои пешгирӣ аз чунин амали номатлуб, бояд кулли шаҳрвандон дастҷамъона муборизаи беамон бубаранд. Ба шарофати ташаббусҳои созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи ин заминаҳо дар кишвари мо фароҳам оварда шуда, иштироки фаъоли тамоми шохаҳои ҳокимият ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар мубориза бо ин зуҳуроти номатлуб таъмин карда шудааст.

Аз ҷумла, дар ин самт қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба талаботи замон ҷавобгӯй қабул шуда, ниҳоди махсусгардонидашудаи давлатӣ -Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва ниҳоди умумимиллӣ-Шӯрои миллии муқовимат бо коррупсия таъсис дода шудаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии муҳимтарин конвенсияҳо ва ниҳодҳои байналмилалӣ дар соҳаи мубориза бо коррупсия буда, дар Осиёи Марказӣ ягона кишваре мебошад, ки аз лаҳзаи таъсиси Шабакаи зиддикоррупсионии Созмони Ҳамкориҳои Иқтисодӣ ва Рушд (соли 2003) узви он мебошад.

**Хусрав ШОҲСАИДОВ**

# Фаъолияти яксолаи вазорат баррасӣ шуд

**10 январи соли ҷорӣ дар Муассисаи давлатии Маркази миллии тиббӣ - "Шифобахш", доир ба натиҷагирӣ аз фаъолияти соли 2018 ҷаласаи ҳисоботии Ҳайати мушовараи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**



Дар кори ҷаласа сардори Раёсати рушди иҷтимоии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулҷаҳон Абдуфаттоҳзода, вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Олимзода Насим Хоҷа, муовинони вазир, сардорони раёсатҳо ва роҳбарони муассисаҳои тандурустии кишвар иштирок намуданд.

Ҷаласаи мазкурро Олимзода Насим Хоҷа, вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сухани ифтитоҳӣ оғоз намуда, мавсуф аз дастовардҳои мардуми меҳнатқарини Тоҷикистон бо сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соли 2018 сухан ронда қайд намуд, ки соли сипаригашта барои мардуми шарафманди кишвар соли муваффақият ва комёбиҳо маҳсуб меёбад.

Насим Олимзода иброз дошт, ки се рӯйдоди муҳимтарин дар ин сол барои мардуми Тоҷикистон - ба кор даромадани аввалин агрегати НБО "Роғун", барқарор гардидани равобит миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва аз тарафи Маҷмуаи Умумии СММ "Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028" бо ҳаммуаллифии 177 кишвари узви СММ қабул гардид, ки ин ташаббус бори аввал аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рафти Форуми 7-уми ҷаҳонии об дар Ҷумҳурии Корея ироа шуда буд. Бояд гуфт, ки дар таърихи давлатдории мардуми шарафманди тоҷик ин дастовардҳо бо ҳарфҳои заррин навишта хоҳанд шуд.




Инчунин зикр карда шуд, ки дар соли 2018 бо дастгирӣ ва пуштибонии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар як қатор гӯшаву канори мамлакат марказҳои зиёди саломатӣ бунёд ва мавриди истифода қарор гирифтанд, ки дар самти хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ шароити мусоид фароҳам оварданд.

Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Насим Олимзода аз дастгириҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи тандурустӣ ва нуктаҳои муҳиме, ки дар Паёми Сарвари давлат санаи 26 декабри соли 2018 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба мушкилоти соҳа ироа гаштанд, бори дигар ёдовар шуда, иброз намуд, ки мо бояд ҷавобан ба ғамхориҳои Сарвари муаззами миллат аз пештара бештар фаъолияти пурсамар дошта бошем ва бахри иҷрои дастуру супоришҳои Президенти кишвар аз таҳти дил заҳмат кашем.

Дар ҷаласаи солонаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар ба масъалаву мушкилоти ҷойдоштаи соҳа таваҷҷӯҳ зоҳир гардид.

Аз ҷумла, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ, муошırати кормандон бо мизоҷон, расонидани кумаки аввалияи фаврии ройгони тиббӣ аз ҷониби муассисаҳои давлатӣ ва хусусӣ аз мавзӯъҳои асосии ҷаласаи солонаи вазорат ба шумор мерафтанд.

Сипас, доир ба фаъолияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 муовини аввали вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саида Умарзода баромад намуд.

Ӯ дар суханронии хеш зикр намуд, ки ҷараёни иҷрои ҳуҷҷатҳои стратегии соҳа пайваста аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда мешаванд. Аз ҷумла, дар ҷаласаҳои Шӯрои миллии ҳамоҳангсозӣ оид ба масъалаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти раисии муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Азим Иброҳим бо иштироки намояндагони вазорату идораҳои дахлдор ҷараёни иҷрои ҳуҷҷатҳои муҳими соҳа - «Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020», «Дурнамои пешгирӣ ва назорати бемориҳои ғайрисироятӣ ва осеббардорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2023», «Нақшаи стратегӣ оид ба ислоҳоти минбаъдаи маблағгузории соҳаи тандурустӣ барои солҳои 2015-2018» ва "Нақшаи стратегии рушди кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ аз рӯи принсипҳои тибби оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020"-ро мавриди баррасӣ қарор дода, вобаста ба камбудиву норасогиҳои ҷойдошта ва беҳтаркунии амалисозии онҳо дар оянда, қарорҳои дахлдори Шӯро қабул гардиданд.

Инчунин, бо мақсади татбиқи босамари "Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2010, №368 тасдиқ шудааст, якчанд ҷаласаҳои гурӯҳҳои кории техникии амалисозии стратегия гузаронида шуда, 2 ноябри соли 2018 Шарҳи якҷояи солонаи соли ҳаштуми амалисозии Стратегияи мазкур (Саммит-8) баргузор гардид,- иброз дошт Саида Умарзода.

Дар ҷаласаи мазкур ҳамчунин сардорони Раёсатҳои тандурустии вилоятҳои Хатлон-Саъдулло Маллазода, Суғд-Фаррух Мақсудзода, ВМКБ-Насрингул Некушоева, шаҳри Душанбе- Хушбахт Шарифзода аз фаъолияти худ дар соли 2018 гузориш доданд.

Дар охири ҷаласа сардори Раёсати рушди иҷтимоии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулҷаҳон Абдуфаттоҳзода баромад намуд.

Номбурда аз таваҷҷуҳи махсуси Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи тандурустӣ ёдовар шуда, қайд кард, ки имрӯз соҳаи тандурустӣ яке аз самтҳои муҳим дар сиёсати давлатии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Ӯ аз тағйиру иловаҳои охире, ки ба Кодекси ҷиноятӣ ва Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба фаъолияти табибон ва фармасевтон ворид гардид, изҳори назар намуд.

Сардори Раёсати рушди иҷтимоии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулҷаҳон Абдуфаттоҳзода, аз ҷумла гуфт, ки ба ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ кашидан дар ҳолати гирифтор намудани шаҳрвандон ба бемориҳои сироятӣ ё воридоти маводи доруворӣ бесифат ҳушдорест ба кормандони соҳаи тандурустӣ, зеро ин амал масъулияти онҳоро дар назди мардум ва қонун бештар мегардонад. Ҳамчунин онҳоро водор месозад, ки дар кори худ серталаб ва эҳтиёткор бошанд.

Таъкид гардид, ки сатҳи муошират бо беморон ва хизматрасонии тиббӣ дар соли 2019 бояд беҳтар карда шавад.

**Дар охири ҷаласа қарори ҳайати мушовараи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, сардорони Раёсат ва роҳбарони муассисаҳои тандурустии кишвар бахри бартараф намудани камбудиҳои мавҷудаи соҳа ва беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ, кӯмаки фаврии ройгони тиббӣ, таъмиру тармим намудани иншооти тандурустӣ, аз ҷумла, бунгоҳҳои тиббӣ дар деҳот, гузаронидани хатнаи кӯдакон ба таври ройгон, пешгирии бемориҳои сироятӣ ва фавти модару кӯдак, пешгирӣ намудани воридоти маводи доруворӣ пастсифат, омода сохтани мутахассисони соҳавӣ ва таъмини онҳо бо ҷойи кор, муоинаи никоҳшавандагон ва даъватшудагон ба хизмати ҳарбӣ, истифодаи технологияи муосир дар самти беҳтар намудани сатҳи хизматрасонии тиббӣ ва сатҳи хизматрасониҳои иҷтимоӣ, сарივақт ҷавоб додан ба муроҷиати шаҳрвандон ва дигар масъалаҳо аз ҷониби Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимои аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон супоришҳои мушаххас гирифтанд.**

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми навбатии хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 декабри соли 2018 оид ба муошırати табибон бо беморону корафтодаҳо ишораҳо карда буданд. Одоби муошират ин ҷузъи муҳими рафтори инсон буда, бозгӯкунандаи тарбия, маданият ва одобу ахлоқи инсон мебошад ва воситаи муҳим дар шинохти инсонҳост.**

# Одоби муошират ҷузъи муҳими кори табибист



Файзалӣ САИДОВ

Ҳанӯз мутафаккири бузурги тоҷик Абӯалӣ ибни Сино гуфта буд, ки "ахлоқи инсонӣ на модарзодӣ, балки касбӣ мебошад. Яъне ақл ва рафтору атвори одам дар раванди ҳаёти ӯ рушду такомул меёбад". Аз ин бармеояд, ки ахлоқ такмил мешавад ва ҳар нафаре бихоҳад, ки ахлоқи накӯ дошта бошад, метавонад онро ба даст биёрад. Риояи одобу муошират, рафтори ҳамида барои як табиб усуле аз табобати бемор, ба дунёи меҳру умед ҳидоят кардани ӯст. Каломи зебо, дар ҳақиқат, қудрате дорад, ки ба бемор умеди шифо мебахшад, ба зиндагӣ ӯро дилгарм месозад.

Бо таваҷҷуҳ ба ин аҳамияти одоби муошират аст, ки вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Насим Олимзода низ ҳамеша дар ҳама баромаду вохӯриҳо бо кормандони соҳа ба риояи он ва парҳез аз дуруштӣ дар муомила бо беморон таъкид менамояд.

Дар ҳамин ҳол, **Файзалӣ Саидов,** муовини директори Маҷмааи тандурустии "Истиқлол" оид ба хизматрасонии тиббӣ ба кӯдакон изҳор намуд, ки дар асоси Паёми навбатии Пешвои миллат, дар Маҷмааи тандурустии "Истиқлол" дастуре, яъне нақша-чорабинӣ таҳия намуда, аз рӯи он амал карда истодаем.

-Дар самти хизматрасониҳои тиббӣ ва одоби муоширати табибон бо беморон ҳаминро қайд карданиям, ки муомилаи хуб бо бемор барои мо табибон авлавияти бештар дорад ва ҳамарӯза кӯшиш мекунем, ки ин рукни муҳими ахлоқиро риоя ва ба ҷо оварда бошем, зеро вақте бемор кумаки моро василаи дармони худ медонад, мо бояд чун ба падару модар, хоҳар ё бародари худ муносибат кунем, то ба ин васила ҳам уҳдадории касбиро иҷро ва ҳам ҳисси бошардӯстиро дар дили ҳар як инсон тақвият диҳем",- афзуд ӯ.

Файзалӣ Саидов дар дастраси беморон қарор доштани рақами телефони маъмурият, муовинон, мудири шуъбаҳо, ки беморон бидуни мушкил ҳар вақте хоҳанд, метавонанд тамос гиранд, навъе аз баркарории ҳамешагии муомилаи духтуру бемор медонад. Ин дар ҳолест, ки ин шароит дар Маҷмааи тандурустии "Исқтиқлол" фароҳам оварда шудааст.



Муродалӣ САБУРОВ

**Муродалӣ Сабуров,** муовини директори Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Шифобахш" дар зимни таъкидҳои Роҳбари давлат оид ба муошират ва риояи он миёни духтуру бемор мегӯяд, дар ҳақиқат, муомилаи хуб бояд дар мадди аввал бошад. "Ҳар табиб савганди садоқат ёд мекунад, ки ба унвони савганди Суқрот маъруф аст. Пас ҳар табибе, ки ин қасамро ёд карда, аз нақши муомилаи хуб дар табобат ба хубӣ огаҳ аст. Муомилаи хуб нисфи табобати бемор аст. Аммо, ҳангоме табиб дағалона рафтор мекунад, бемор ноороҳат мешавад, ӯ дигар намехоҳад, ки назди табиб равад ва дилсард мегардад",- мегӯяд ҳамсуҳбати мо.

Баъди суҳбат бо табибон яқин кардам, ки эродҳои Пешвои миллат аз тарафи масъулини соҳа дарк шудаанд ва пайи рафъи ин камбудӣ талошу кӯшишҳо карда истодаанд.

**Г. МАҲМАДАЛИЕВА**

# Рӯзи кормандони соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ таҷлил гардид



**25 январи соли ҷорӣ бахшида ба Рӯзи касбии кормандони соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, дар Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабинии идона баргузор гардид.**

Дар чорабинии мазкур вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Олимзода Насим Хоҷа, муовини вазир оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ Шодихон Ҷамшед, директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Холзода Абдулҳаким, раиси Иттифоқи касабаи кормандони соҳаи тандурустӣ Раҷаб Улмасов иштирок ва баромад намуданд.

Зимни баромади хеш Насим Олимзода қайд намуд, ки соҳаи иҷтимоӣ дар маркази таваҷҷуҳи давлат ва Ҳукумати мамлакат қарор дошта, баҳри боз ҳам беҳтар гаштани фаъолияти соҳа дар мамлакат шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.

Ӯ аз ғамхорӣ ва дастгирии пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ сухан ронда, изҳор намуд, ки имрӯз дар системаи ҳифзи иҷтимоӣ 103 муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ барои пиронсолону маъюбон ва кӯдакони имконияташон маҳдуд фаъолият доранд. Инчунин, дар низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ як осоишгоҳ ва се истироҳатгоҳ барои табобати собиқадорони ҷангу меҳнат, пиронсолон ва маъюбон хизмат мерасонанд.

Аз ҷониби вазир як қатор кормандони соҳаи иҷтимоӣ - 23 нафар бо унвони "Аълочии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ", 58 нафар, аз ҷумла 11 ташкилоти байналмилалӣ бо "Ифтихорнома" ва 13 нафар кормандон бо "Сипоснома" қадрдонӣ карда шуданд.

Инчунин, дар чорабинии мазкур намояндагон аз Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ иштирок ва баромад намуда, ба директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Холзода Абдулҳаким ва муовини ӯ Назархудо Дилшодов "Ифтихорнома"-и Ҳизби Халқии Демократиро тақдим намуданд.

**Хусрав ШОҲСАИДОВ**

# Бонки умумиҷаҳонӣ:

## ҳамкориҳо густариш меёбанд



Сафари кории ҳайати намояндагони Бонки умумиҷаҳонӣ, ки дар бахши тандурустӣ фаъолият доранд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи чанд рӯз идома ёфт. Роҳбари гурӯҳ - хонум Кейт Мандевиле аз дастгириҳои пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таваҷҷуҳи махсуси роҳбарияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар самти истифодаи босамару шаффофи инвеститсияи хориҷӣ изҳори қаноатмандӣ намуда, зимни вохӯрӣ бо вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Насим Олимзода зикр намуд, ки натиҷаҳои фаъолияти Лоиҳаи "Беҳтаркунии хизматрасонии тиббӣ"-и назди вазоратро дар навоҳии кишвар ба хубӣ дидану ҳис кардан мумкин аст.

Зимни суҳбат вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Насим Олимзода аз дастгириҳои Бонки умумиҷаҳонӣ ва саҳми сазовори онҳо дар ислоҳоти соҳаи тандурустӣ изҳори сипос намуда, махсусан қайд кард, ки ҳифзи сиҳатии аҳолӣ пайваста мавриди таваҷҷуҳи хосаи роҳбари давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон қарор дошта, фаъолияти хуби лоиҳаҳо ва шарикони рушд аз сиёсати бобарори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарчашма мегирад.

Бо пешниҳоди роҳбарияти вазорат қарор дода шуд, ки Лоиҳаи мазкур бо дастгирии Бонки умумиҷаҳонӣ фаъолияти худро дар самти дастгирии муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияҳои дурдасти ҷумҳурӣ, аз ҷумла Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон идома хоҳад дод.

**Зайнаб АНВАРӢ**

**Солимии ҷомеаро солимии давлат гуфтаанд. Бинобар ин соҳаи тандурустӣ зери таваҷҷуҳу дастгириҳои пайвастаи давлату ҳукумати кишвар қарор дорад ва инфрасохтори муассисаҳои тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мунтазам тавсеа ва таҳким меёбанд. Ҳоло дар 19 шаҳру ноҳияҳои мамлакат “Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кумаки тиббию беҳдоштӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2019” амалӣ гардида истодааст ва ин таҷриба дар марҳилаҳои баъдӣ тамоми кишварро фаро мегирад. Илова бар ин, дар давоми се соли оянда дар кишвар беш аз 560 беморхонаву маркази саломатӣ ва дигар иншооти соҳаи тандурустӣ бунёд мешаванд, ки ҳамаи ин аз дастгириву ғамхориҳои пайвастаи ҳукумати кишвар шаҳодат медиҳанд.**

# Кумаки аввалияи тиббӣ ройгон аст



Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми навбатии хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сатҳу сифати хизматрасонии кумаки аввалияи тиббӣ ба беморон дар муассисаҳои тиббӣ интиқод карда, иброз доштанд: “Бо вуҷуди пешравиҳо, ҳоло низ баъзе камбудиҳо, аз ҷумла дар масъалаи расонидани кумаки аввалияи тиббӣ, ки аз ҳисоби буҷет маблағгузорӣ мешавад, ба мушоҳида мерасанд. Аз арзу шикоятҳои сокинони мамлакат ба унвони Дастгоҳи иҷроияи Президент бармеояд, ки дар баъзе муассисаҳои тиббӣ ҳангоми расонидани кумаки аввалияи тиббӣ аз соҳибони шахсони бемору корафтода маблағ ва доруворӣ талаб карда мешавад, ки ин хилофи қонун мебошад”.

Дар ҳамин ҳол, Сабуров Муродалӣ Расулович, муовини директори Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон -“Шифобахш” мегӯяд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санаи 26 декабри соли 2018 дар бораи расонидани кумаки аввалияи тиббӣ ба беморон дар муассисаҳои тиббӣ таъкид карданд, ки мо–кормандони Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Шифобахш” ҳамеша омода ҳастем, ба бемороне, ки ба мо муроҷиат мекунанд, ройгон ва сари вақт хидмат расонем. Муродалӣ Сабуров меафзояд: “Ба шуъбаи мо, яъне бинои 5-и Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон-“Шифобахш” (Қарияи боло) бемороне муроҷиат мекунанд, ки дар ҳолати ниҳоят вазнинанд ва дар садамаҳои нақлиётӣ осеб бардоштаанд, ё аз ягон бинои баландошёна афтодаанд, бо осебҳои ниҳоят вазнини омехта ва пайваста меоянд, ё беморонеро ба беморхона меоранд, ки ларзиш ва латхӯрии майнаи сар, шикасти андомҳо, кафидани узвҳои дохила, хунравии зиёд, шок ё шоки вазнин, ё фишори ниҳоят паст дар онҳо дида мешавад. Бемороне ҳастанд, ки соатҳои аввали беморӣ зиёд гап мезананд, ё дар ҳолати кома қарор доранд, ки вуҷуди яке аз ин нишонаҳо дар бемор далолат бар ҳолати вазнини ӯ менамояд. Аммо, новобаста аз ҳолати беморон мо, табибон кӯшиш мекунем, ки сари вақту ройгон кумаки худро ба бемор расонем. Дар шуъбаи мо тамоми шароит муҳайё ва ҳамаи маводи доруворие, ки барои кумаки аввалияи таъҷилии тиббӣ аст, мавҷуд аст”.

Насим Олимзода, вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пайваста дар нишасту ҷамъомадҳо ва вохӯриҳояшон бо кормандони соҳаи мазкур ҳамеша дар мавриди расонидани кумаки аввалияи тиббии ройгон ба беморон таъкид менамоянд. Ӯ зимни вохӯриҳо ба табибон нигаронии Сарвари давлатро аз сатҳу сифати ёрии аввалини тиббӣ ба аҳолӣ хотиррасон карда, таъкид ба беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ мекунад.

“Аз роҳбарон танҳо талаб карда мешавад, ки вазифаҳои хизматиашонро содиқонаю софдилона иҷро намуда, кумаки беғаразонаи худро ба аҳолӣ расонанд. Аммо, мутаассифона, ҳолатҳое ҳастанд, ки сабаби норозигии аҳолӣ ва шаҳрвандон мешаванд, бахусус шабона. Ҳол он ки барои расонидани кумаки аввалияи тиббӣ тамоми маводи доруворӣ дар муассисаҳои тиббӣ бояд муҳайё бошанд”-таъкид намуда буд дар вохӯрие бо кормандони соҳа, ки санаи 3-юми январи соли 2019 дар Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон-“Шифобахш” баргузор гардида буд. Насим Олимзода ҳамчунин ба роҳбарони муассисаҳои тиббӣ дастур додааст, ки бо беморон ва хешовандони онҳо муомила ва муоширати хуб ба роҳ монанд, фаъолияти шабонаи дорухонаҳои дохили муассиса зери назорат гирифта шаванд.

Аз рӯи гуфтаи Насим Олимзода, вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ***“кумаки фаврии тиббӣ дар кишвар тибқи қонуну қарорҳои мавҷуда ройгон мебошад ва инро табибон хуб дарк карда, аз худ масъулияти баланд нишон диҳанд ва нобоварии мардумро нисбат ба соҳа набояд ба миён оваранд. Вазифаи нахустини табиб ёрӣ расонидан ба шахси бемор аст, на пешниҳоди рӯйхати дурударози доруворӣ. Бояд қуттиҳои ёрии аввалини тиббии муассисаҳои тандурустӣ, новобаста аз шакли моликият бо маводи доруворӣ ҳамеша таъмин бошанд”.***

Бо таваҷҷуҳ ба ин, Саидов Файзалӣ Баротович, муовини директори Муассисаи давлатии Маҷмааи тандурустии “Истиқлол” мегӯяд: “Дар шафати ҳуҷраҳои қабули муассисаи мо ҳуҷраи доругузаронӣ аст, ки бо тамоми маводи доруворӣҳои кумаки аввалияи тиббӣ таъмин аст. Ғайр аз ҷойҳои махсуси нигоҳдории маводи доруворӣ, боз як қуттии дигари кумаки аввалияи тиббӣ аст, ки дар он, тибқи супориши вазири тандурустӣ, аз тариқи он тамоми маводи доруворӣ ҳангоми зарурат ба ҷойи ҳодиса бурда мешавад. Ин қуттӣ дар тамоми муассисаҳои тандурустии кишвар ҳаст. Илова бар ин, комиссияи махсус ташкил карда шудааст, ки ҳар ҳафта як ё ду маротиба ин қуттиро месанҷад”.

Шикояти ин табиби ҳамсуҳбатам аз он аст, беморон сари вақт ба беморхона ҳозир намешаванд ва дар аксари ҳолат талош мекунанд бидуни тавсияи табиб ба табобат машғул шаванд, ки ин ҳолат сабаби рӯ ба рӯ шудани бемор ба оризаҳои мухталиф мешаванд. “Агар бемор сари вақт ба табибони оилавиашон муроҷиат намоянд, аксарияти кӯдакон метавонанд ба беморхона наоянд. Кӯдак аз рӯзи аввали ҳарорати баланд доштанаш назди табиб оварда шавад, табобати ӯ осонтар мешавад, вале ҳолатҳое мешаванд, ки кӯдакро бо оризаҳои вазнин, варами мағзи сар ба беморхона меоранд, ки аллакай дар ин вақт баргардонидани кӯдак ба ҳолати пешинааш душвор мешавад ва ҳамин тавр, кӯдак маъюб мемонад. Бинобар ин, мехоҳам қайд намоям, ки ҳангоми баланд шудани ҳарорати кӯдак дарҳол ба табиби оилавӣ муроҷиат намоянд ва доимо дар тамос бошанд ва аз кумаки аввалияи тиббӣ бархурдор шаванд”-афзуд ӯ.

Ҳамсуҳбати мо табиб Саидов Файзалӣ ёдовар шуд, ки муолиҷа дар беморхонаи мо ройгон ба роҳ монда шудааст ва яке аз камбудиҳоро дар надоштани шаҳодатномаи таваллуди кӯдакон маънидод менамояд, ки ин кори табибонро дар мавриди сари вақт ва ройгон расонидани кумаки аввалияи тиббӣ душвортар месозад. Вақте ки шаҳодатномаи таваллуди кӯдак ва ё маълумотномаи ӯ аз таваллудхона талаб карда мешавад, аллакай ду-се рӯз мегузарад.

Ӯ ҳамчунин яке аз сабабҳои дигари баҳсу мунозираҳо ва норизогии мардумро аз хизматрасонии тиббӣ дар гузаронидани вақти зиёд дар ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо ва пур кардани таърихи бемор мебинад, ки ин ҳолати беморро метавонад боз сангинтар кунад. Бинобар ин, ӯ пешниҳод менамояд, ки табибон бояд аввал ба бемор кумак расонанд, баъдан ба ҳуҷҷатгузорӣ машғул шаванд. Чунки ба бемор муҳим саломатии ӯст.

**М. ГУЛРУХСОР**

# Дастовардҳои Раёсати тандурустии вилояти Суғд дар соли 2018

**Кормандони соҳаи тандурустии вилояти Суғд баҳри пешбурди соҳа ва беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ, ворид намудани усулҳои нави муосири муоина ва муолиҷаи беморон, вусъат додан ба корҳои созандагию ободонӣ ва баҳри ба амал татбиқ намудани "Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020", «Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола дар бахши тандурустӣ», таъмини иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят соли 2018-ро бо муваффақиятҳои назаррас ҷамъбаст намуданд.**

## Ҷорӣ намудани технологияи муосир



Дар соли ҷорӣ нахустин маротиба дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодабарии табобати консервативии ҷурраи сутунмӯҳра бо усули инноватсионии блокадаи дохилиустухонӣ дар шуъбаи Беморхонаи клиникавии шаҳрии №1-и шаҳри Хуҷанд ҷорӣ карда шуд. Ин намуди табобат ба 64 нафар бемор дар заминаи шуъбаи бемориҳои асаби Беморхонаи мазкур гузаронида шуд.

Бахшида ба сазовор пешвоз гирифтани 30- солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 14 августи соли 2018 аз ҷониби раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода дар Маркази бемориҳои дил ва ҷарроҳии дилу рагҳои вилоят ба номи Амонулло Орифов барои сохтмони бинои табобатии 5-ошёнаи замонавӣ санги асос гузошта шуд.

Қобили зикр аст, ки бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Агентии амнияти зиддиядроӣ ва радиатсионии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ташкилоти МАГАТЭ дар Маркази саратоншиносии вилоят дастгоҳи радиотерапевтӣ пурра васл шуда, пас аз гирифтани иҷозатномаи мутахассисони Агентии бехатарии нерӯи атомӣ ба фаъолият шурӯъ менамояд. Дар доираи лоиҳаи ҳамкории техникии TAD 6/006 «Таъмини хизмати радиотерапевтӣ дар Маркази онкологии вилояти Суғд» 2 нафар духтури нуршиноси марказ барои омӯзиши фаъолияти таҷҳизоти нурафканӣ ва муолиҷаи нурӣ дар Донишгоҳи миллии тиббии шаҳри Каунаси Ҷумҳурии Литва, физики тиббӣ дар шаҳри Праги давлати Чехия ва 1 нафар дар шаҳри Москваи Федератсияи Руссия аз такмили ихтисос гузашта, дорои сертификати мутахассис шуданд ва таҷрибаи бо дастгоҳи мазкур фаъолият бурданро соҳиб гардиданд. Инчунин, лоиҳаи дуюм нисбати таҷҳизонидани Марказ бо дастгоҳи муосири радиатсионӣ (брахиотерапия) ва омӯзонидани мутахассисон дар мамлакатҳои Аврупо дар соли 2019 қабул шудааст. Дар муассисаи номбурда соли гузашта гузаронидани ҷарроҳиҳои реконструктивию барқароркунӣ ба роҳ монда шуд. Ба беморони саратони ғадуди ширӣ гузаронидани амалиёти ҷарроҳии мастэктомияи радикалӣ ва пӯшидани минтиқаи ҷарроҳӣ бо лоскути торакодорзалӣ, яъне трансплантатсияи бофтаҳо дар пояки рагҳои хунгузар аз як минтақа ба минтақаи ҷароҳатшуда аз ҷониби саратоншиносони Марказ иҷро гардид.

Дар вилояти Суғд 1118 муассисаҳои тандурустӣ, аз он ҷумла 165 адад муассисаҳои госпиталӣ (33 адад муассисаҳои тиббии хусусӣ госпиталӣ), 660 адад муассисаҳои кумаки аввалияи тиббии санитарӣ (КАТС), 158 муассисаи махсусгардонидашуда, инчунин 167 муассисаи хусусӣ бо намояндагон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят фаъолият мебаранд.

## Сохтмони иншооти тиббӣ



Бояд гуфт, ки бахри иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омодагӣ ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои тандурустии вилоят барои сохтмон, таъмир ва азнавсозии 458 адад иншооти тандурустӣ ба маблағи 208,05 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Давоми соли 2018 бо мақсади беҳтар кардани шароити хизмарасонии тиббӣ дар беморхонаҳо ва дигар муассисаҳои тиббӣ сохтмони бинои нави шуъбаи ҷарроҳии Беморхонаи марказии ноҳияи Шаҳристон, сохтмони 17 адад бинохои нави марказҳои саломатии шаҳру ноҳиявӣ ва деҳот дар шаҳрҳои Панҷакент, Исфара, Истаравшан ва ноҳияҳои Мастчоҳ, Ҷ. Расулов, Деваштич ва Айнӣ, сохтмони 31 адад бунгоҳҳои саломатӣ дар ноҳияҳои Айнӣ, Ашт, Б.Ғафуров, Деваштич, Кӯҳистони Мастчоҳ, Мастчоҳ, Спитамен ва шаҳри Панҷакент ба итмом расонида шуд.

Қобили зикр аст, ки соли 2019 дар вилояти Суғд сохтмони як қатор иншооти тандурустӣ ба нақша гирифта шудааст. Аз ҷумла, сохтмони шуъбаҳои марказҳои табобатӣ ва беморхонаҳо, марказҳои саломатӣ ва бунгоҳҳои тиббӣ дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Ҷ.Расулов, Панҷакент, Конибодом, Исфара, Истаравшан, Айнӣ, Деваштич, Б.Ғафуров, Мастчоҳ ва Кӯҳистони Мастчоҳ, Ашт давом дода мешавад.

## Хатнаи кӯдакон



Бахри иҷрои банди 5-и фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 майи соли 2018, №431 «Дар бораи тасдиқи ҳуҷҷатҳои бақайдгирию омории соҳавии муассисаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба гузаронидани хатнаи кӯдакон» дар соли 2018 дар шаҳру ноҳияҳои вилоят корҳои назаррас ба анҷом расонида шуд.

Дар муассисаҳои соҳаи кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ, дар назди таваллудхонаҳо ва шуъбаҳои ҷарроҳии кӯдаконаи шаҳру ноҳияҳои вилоят 197 ҳуҷраи хатна таъсис ва бо таҷҳизоти зарурӣ таъмин гардида, аз рӯи талаботи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон чун ҳуҷра барои бозии кӯдакон ороиш дода шудаанд. Давоми соли 2018 дар вилоят 26366 амалиёти хатнаи кӯдакон гузаронида шудааст. Аз ҷумла синни то 20- рӯза 1340 нафар, синни аз 20-рӯза то 6-моҳа 3011, синни аз 6-моҳа то 3-сола 11134 нафар ва синни аз 3-сола боло 10881 нафарро ташкил медиҳад. Бояд гуфт, ки паёмадҳои пас аз гузаронидани амалиёти хатна ба қайд гирифта нашудааст.

## Пешгирии ВНМО ва рушди тибби оилавӣ



Бахри иҷрои фармоиши Раёсати тандурустии вилоят аз 09.03.2017, №152 «Оид ба пешгирии сирояти вируси норасоии масунияти одам аз модар ба кӯдак» дар соли 2018 ҳамагӣ 98381 ташхис гузаронида шудааст, аз ҷумла бо намуди ИФА – 45624 адад, 52757 муоинаи ҳомиладорон бо тестҳои оҷил (экспресс) гузаронида шудааст.

Соли 2018 дар шаҳрҳои Хуҷанд ва Истаравшан оид ба гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ҷиҳати пешгирии бемории ВНМО дар байни аҳолӣ бо иштироки кормандони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини раиси вилоят, прокурори вилоят, сардори Раёсати Кумитаи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, муовини сардори Раёсати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, раисони шаҳру ноҳияҳо ва ҳамаи роҳбарони ташкилоту муассисаҳои вилоят бо сокинон вохӯриҳо баргузор карда шуданд.

Инчунин бо истифодаи клиникаи мобилӣ аз 1 июл то 30 ноябри соли 2018 байни муҳоҷирони меҳнатӣ, аъзои оилаи онҳо ва занҳои қобили таваллуд дар шаҳру ноҳияҳои вилоят «Корвони саломатӣ» гузаронида, бо усули тести оҷилӣ 3000 нафар ихтиёриён аз ташхиси дарёфти сирояти ВНМО ва пешгирии афзоишёбии сирояти он корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуданд.

Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани қарори Раиси вилояти Суғд аз 23.09.2016, №433 «Дар бораи нақшаи Стратегии рушди кумаки аввалияи тиббию санитарӣ аз рӯи принсипи тибби оилавӣ дар вилояти Суғд барои солҳои 2016 – 2020» дар сатҳи вилоят дар Муассисаи давлатии маркази таълимию клиникавии тибби оилавии вилояти Суғд дар 12 моҳи соли гузашта 27 табиби оилавӣ 152 нафар ҳамширагон аз нав омӯзонида шудаанд. Дар сатҳи вилоят тӯли ин муддат 1189 нафар – 76,09 % табибони кумаки аввалияи тиббии санитарӣ (КАТС) ва 2283 нафар 79,4% ҳамшираҳо курсҳои бозомӯзии тибби оилавиро ба итмом расонида, фаъолият бурда истодаанд.

Айни ҳол дар Маркази вилоятии таълимӣ клиникавии тибби оилавӣ ва шуъбаҳои он 7 нафар табиб ва 163 нафар ҳамширагон аз шаҳру ноҳияҳои Панҷакент, Зафаробод, Истаравшан, Айнӣ, Исфара, Бӯстон, Деваштич, Конибодом, Мастчоҳ, Гулистон, Хуҷанд ва Б.Ғафуров курсҳои 6 моҳаи «Тибби оилавӣ»-ро гузашта истодаанд.

Аммо бо вуҷуди дар сатҳи вилоят 76,09 % табибони КАТС ва 79,4 % ҳамшираҳо курсҳои бозомӯзии тибби оилавиро ба итмом расонида, фаъолият бурда истода бошанд ҳам, дар ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ, Мастчоҳ, шаҳрҳои Исфара, Панҷакент ва Конибодом тайёр кардани алалхусус ҳамширагони тибби оилавӣ дар сатҳи зарурӣ нест.

Кормандони Раёсати тандурустии вилояти Хатлон ва зерсохторҳои он дар партави ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кору фаъолият намуда, соли 2018-ро бомуваффақият ҷамъбаст намуданд.

# Вилояти Хатлон: пешравиҳо назаррасанд



## Ҷорӣ намудани усулҳои нави табобат

Соли 2018 дар муассисаҳои тиббии вилояти Хатлон, аз ҷумла дар Маркази саломатии шаҳри Бохтар ба таври амбулаторӣ амалиёти ҷарроҳии гипоспадия ва дар Маркази ҷарроҳии вилояти Хатлон ҷарроҳии “трепанасия, устухонтармим бо гирифтани менингиомаи мағзи сар” ба роҳ монда шуда, дар шуъбаи гӯшу гулӯ ва бинӣ ҷарроҳии бодомакбурӣ ва риносетотерапия бо беҳсозии умумии эндотрахеалӣ гузаронида шуданд. Дар шуъбаи ҷарроҳии умумии Беморхонаи клиникӣ ба номи Б.Воҳидови вилоят бо усули лапароскопӣ бурида, васлсозии рӯдаи «сигмашакл» ҳангоми беморӣ «долихосигма», а) найчагузории роҳи талхарав бо усули лапараскопӣ ҳангоми сангҳои найчаи талхарав, б) гузоштан ва гирифтани стентҳо дар роҳҳои пешобрав, в) истифодаи пайвандакҳои қулфакдор (блокирующий штифт) ҳангоми хатари шикасти устухонҳои рон ба роҳ монда шуд.

Дар Муассисаи давлатии «Беморхонаи ҷумҳуриявии ноҳияи Данғара» усулҳои пайвандсозии гурдаҳо ва узвҳои инсон, ҷарроҳии пластики рекоструктивӣ, пайвандсозии пайванду буғумҳо, ҷарроҳӣ дар сутунмуҳра, ангиография, гузоштани стен дар дилу рагҳо, ҷамъ 850 нафар ҷарроҳӣ карда шуданд, ки аз онҳо ба 25 нафар бемор пайвандсозии гурдаҳо, ба 150 нафар ҷарроҳиҳои ринопластика ва секторинопластика, ба 15 нафар ҷарроҳиҳои чашм, ба 30 нафар ҷарроҳиҳои бартараф намудани контрактураи ангуштон ва ба 354 нафар ҷарроҳиҳо ҳангоми бемориҳои рагҳои хунгард гузаронида шуданд. Инчунин, дар Маркази бемориҳои чашми вилояти Хатлон ҷарроҳии дакрисисториностомия барои бемориҳои ашкбарор барқарор карда шуд.

## Таъмир ва сохтмони иншооти тиббӣ

Давоми соли 2018 дар қаламрави вилояти Хатлон 32 бунгоҳи саломатӣ ба истифода дода шуд. Инчунин дар ин давра дар вилояти мазкур 17 маркази саломатии деҳот ба истифода дода, сохтмони 4 адади онҳо дар арафаи анҷомёбист.

Аз ҷумла, дар ин муддат аз мактаб 4 адад, аз вагонҷойҳо 2 адад ва аз хона 2 адад бунгоҳи тиббӣ баровarда шуданд. Дар сатҳи муассисаҳои кумаки аввалияи тиббии санитарӣ (КАТС) зиёда аз 20 Марказу бунгоҳҳои саломатии деҳот дар вилояти Хатлон аз таъмири косметикӣ баровapда шуданд.

Тибқи маълумоти Маркази омор ва иттилооти тиббии вилояти Хатлон айни ҳол 119 адад нақлиёти санитарӣ барои хизмати ёрии таъҷилии тиббӣ ба аҳолии вилояти мазкур хизмат мерасонанд.

## Такмили ихтисоси кормандони тиб

Бо мақсади баланд бардоштани савияи дониши кормандони соҳаи тандурустӣ дар соли 2018 ба Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаи Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломӣ дар шаҳри Бохтар ва дар Маркази таҳсилоти баъдидипломии ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино 1132 нафар шунаванда аз шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон барои таҳсил равона гардиданд, ки аз онҳо 380 нафар табибон ва 752 нафар кормандони миёнаи тиб мебошанд. Аз ҷониби Маркази кори ҳамширагии вилоят 821 нафар кормандони миёнаи тиб аз курси такмили ихтисос гузаштанд.

## Хатнаи кӯдакон

Дар моддаи 9-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 августи соли 2017, №1461 як қатор меъёрҳои нав пешниҳод гардидаанд, ки онҳо барои ҳимояи манфиатҳои аҳолӣ равона карда шудаанд.

Аз ҷумла, дар лоиҳа тартиби нави гузаронидани хатна муайян гардидаст, ки мувофиқи он минбаъд хатна дар доираи оила бо розигии падару модар аз рӯзи таваллуди писар то рӯзи бистуми баъди таваллуд дар муассисаҳои тиббии дахлдор ба таври ройгон бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар муассисаҳои тандурустӣ гузаронида мешавад.

Бо мақсади иҷроиши қонуни мазкур соли сипаригашта 382 ҳуҷраи хатна дар сохтори госпиталию марказҳои саломатии деҳот ва бунгоҳҳои тиббии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ташкил карда шуда, 22 ҳазору 458 амалиётҳои хатна гузаронида шудааст.

## Пешгирии ВНМО

Ҷиҳати рафти амалишавии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 феврали соли 2017, №89 ва қарори дахлдори раиси вилояти Хатлон аз 5 апрели соли 2017, №74 «Дар бораи Барномаи миллӣ оид ба муқовимат бо эпидемияи вируси норасоии масуният одам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2020» дар давоми соли 2018 дар муассисаҳои тандурустии вилояти Хатлон як қатор корҳо ба анҷом расонида шуда истодаанд.

Бояд гуфт, ки дар вилояти Хатлон 25 маркази пешгирӣ ва мубориза бар зидди ВНМО, 7 таҳлилгоҳҳои ташхисии усули иммуноферментӣ, 27 таҳлилгоҳҳои ташхисии усули фаврӣ, 12 нуқтаҳои боварӣ дар байни нашъамандони тазриқӣ, 3 ҳуҷраҳои дӯстона дар байни шахсони хизматҳои шаҳвонӣ расонанда ва 4 гурӯҳҳои сайёр бо нақлиёти санитарӣ фаъолият менамоянд. Ҳамзамон дар Беморхонаи сироятии ш.Кӯлоб ва шуъбаи сироятии Беморхонаи клиникии вилоятии ш.Бохтар ба номи Б.Воҳидов барои бистарӣ намудани беморони гирифтори вируси норасоии масунияти одам ду ҳуҷра дорои 8 ва 10 кат фаъолияти босамар доранд.

Дар асоси дастуру супоришҳои Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 апрели соли 2018 оид ба “Нақшаи кории сеҷонибаи марказҳои пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО, марказҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим ва муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ (КАТС)” ҷиҳати баланд бардоштани савияи дониши шаҳрвандон нисбати пешгирии бемории ВНМО, коҳиши сироятёбӣ, тамғагузорӣ ва поймол шудани ҳуқуқҳои нафарони гирифтори ин беморӣ дар байни гурӯҳҳои осебпазир, махсусан дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ ва оилаҳои онҳо корҳои фаҳмондадиҳӣ роҳандозӣ шуд.

## Корвони саломатӣ

Бо мақсади пешгирии беморшавии аҳолӣ ва баланд бардоштани фарҳанги тиббии ҷомеа дар доираи татбиқи ҳадафҳои бунёдии “Дурнамои пешгирӣ ва назорати бемориҳои ғайрисироятӣ ва осеббардорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2023”, бо ҷалби мутахассисони варзидаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати тандурустии вилояти Хатлон дар соли ҷорӣ “Корвони саломатӣ” ба ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилоят сафарбар гардид, ки он 68 ҳазору 760 нафарро ройгон ба муоина ва табобат фаро гирифта, инчунин дар доираи он 1003 нафар кӯдакон аз хатна гузаронида шуданд.

**Дар баробари сокинони мамлакат, кормандони Раёсати тандурустии вилояти Хатлон низ Паёми Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки санаи 26 декабри соли 2018 баргузор гашт, якҷоя тамошо намуда, ба нуктаҳои муҳими он таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуданд. Аз ҷумла, он эродҳое, ки вобаста ба соҳаи тандурустӣ аз ҷониби Пешвои миллат дар Паём садо доданд, имрӯз пайравони Синоро боз ҳам баҳри фаъолияти пурсамар масъулиятшинос мегардонад.**

# ВМКБ: фаъолияти бомароми бахши тандурустӣ

Қабул гардидани барнома, нақша ва стратегияҳо оид ба соҳаи тандурустӣ, сол аз сол зиёд намудани маблағгузории соҳаи мазкур, беҳтар гардидани заминаҳои моддиву техникии муассисаҳои табобатию профилактикӣ ва дастгирии фаъолияти тиббӣ хусусӣ аз таваҷҷуҳи беназири Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи тандурустӣ шаҳодат медиҳад.



## Ҷараёни корҳои сохтмонӣ дар иншоотҳои тандурустӣ

Соли 2018 сохтмони бинои замонавии Беморхонаи бемориҳои руҳии ВМКБ дар ноҳияи Роштқалъа бо маблағгузории Дирексияи сохтмони иншоотҳои назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом расонида шуда, он ҳангоми сафари корӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи мазкур мавриди истифода қарор дода шуд.

Мавриди зикр аст, ки бо маблағгузорӣ ва дастгирии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон айни ҳол корҳои сохтмонӣ дар Беморхонаи замонавии шаҳраки Ваҳдати ноҳияи Шуғнон, Беморхонаи минтақавии Вранг, Маркази саломатии Зонги ноҳияи Ишкошим ва Коллеҷи тиббии замонавӣ бо хобгоҳ ва толори варзишӣ дар шаҳри Хоруғ идома дошта, инчунин сохтмони бинои нави Шуъбаи ёрии таъҷилии шаҳри Хоруғ бо дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ ва Дирексияи сохтмони иншоотҳои назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон идома дорад. Айни замон бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои таъмирӣ дар шуъбаи таваллуд ва озмоишгоҳи клиникии Беморхонаи марказии ноҳияи Мурғоб ҷараён дорад.

Дар давраи ҳисоботӣ аз тарафи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Беморхонаи марказии ноҳияи Рӯшон дастгоҳи муосири рентгении рақамӣ ва барои Беморхонаҳои марказии ноҳияи Роштқалъа ва Мурғоб дастгоҳҳои рентгении сайёр дастрас гардонида шуд.

**СОЛИ 2018**

**Ба аҳолии ВМКБ 401 муассисаҳои тиббӣ, ки зиёда аз 227 адади онҳо муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ, 36 адад муассисаҳои Хадамоти бистарикунонӣ, 9 адад марказҳои назорати давлатии санитарию-эпидемологӣ ва 62 адад муассисаҳои тиббӣ, ки фаъолияти ҳамгирой доранд, хизмати тиббӣ расонидаанд.**



## Таъмини аҳолӣ бо табибон ва муассисаҳои тиббӣ

Нишондоди таъминоти аҳолии ВМКБ бо табибон (дар 10 000 аҳолӣ) 22,6 ва кормандони дорои маълумоти миёнаи тиббӣ ба 90,2 баробар аст. Ба ҳолати ҳозира 12 нафар хатмкунандагони Донишгоҳи давлатии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино баъди хатми донишгоҳ дар заминаи Беморхонаи вилоятӣ ва дигар муассисаҳои табобатию профлактикӣ аз зинаи интернатура гузашта истодаанд ва 27 нафар хатмкунандагони донишгоҳи мазкур баъд аз хатми интернатура дар муассисаҳои табобатию профилактикии ВМКБ ба ҷойи кор таъмин карда шуданд, ки аз ин теъдод 11 нафарашон тибқи квотаи Президентӣ Донишгоҳи давлатии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Синоро хатм намудаанд.

Муассисаҳои Хадамоти бистарикунонии вилояти мазкур дорои 1938 кати табобатӣ-профилактикӣ мебошанд, ки нишондоди таъминоти аҳолӣ бо катҳои табобатӣ 97,6 кат ба 10 000 аҳолӣ баробар аст.

Аз тарафи муассисаҳои табобатӣ-профилактикии вилоят дар соли 2018 ба 31537 нафар беморон ёрии статсионарӣ, ба 346163 нафар ёрии амбулаторӣ, ба 31174 нафар ёрии таъҷилӣ ва ба 253326 нафар ёрӣ дар хонаҳо расонида шуд.

Беморхонаи вилоятии шаҳри Хоруғ дар соли 2018 фаъолияти худро мувофиқи нақша-чорабиниҳои аз тарафи Раёсати тандурустии вилоят тасдиқшуда барои хизматрасонии бистарикунонӣ ва ёрии мукаммали тиббӣ-статсионарӣ ба роҳ мондааст. Беморхонаи номбурда бо шуъбаҳои соматикӣ барои 257 кати хоб пешбинӣ гардида, дар соли 2018 5471 нафар дар он табобат гирифтанд.

Маркази ҷарроҳии ВМКБ аз моҳи январи соли 2014 фаъолияташро оғоз намуда, дорои 110 кати хоб ва шуъбаҳои ҷарроҳии умумӣ, шуъбаи пешобшиносӣ, гушу гулӯ ва бинӣ, шуъбаи ҷарроҳии кӯдакона, бахши наҷот ва утоқи ташхиси гастроскопӣ мебошад.

Соли 2018 ба Маркази мазкур 2690 нафар бемор ворид гардида, ба 729 нафари онҳо амалиётҳои ҷарроҳӣ гузаронида шуданд, ки аз онҳо 330 амалиётҳои ҷарроҳӣ ба таври фаврӣ ва ба 399 нафар амалиёт ба таври нақшавӣ гузаронида шуд.

## Таваллуд дар хона коҳиш меёбад

Таваллудхонаи вилоятии шаҳри Хоруғ ягона муассисаи мустақили хизматрасонии тиббӣ ба занони ҳомиладор ҳангоми таваллуд ва баъд аз таваллуд дар вилоят ба ҳисоб рафта, кумаки тахассусии акушерӣ ва неонаталӣ, пешбурди таваллудҳои оризанок ва буриши қайсари кумаки неонаталиро ба навзодон мерасонад. Ба таваллудхонаи мазкур соли 2018 3689 нафар занон ворид гардида, аз ин шумора 1360 ҳодисаи таваллуд, амалиётҳои ҷарроҳии гинекологӣ 233 ҳолат ва буриши қайсарӣ 390 ҳолат ба қайд гирифта шудааст. Хушбахтона, соли 2018 дар таваллудхонаи вилоятии шаҳри Хоруғ ҳодисаи фавти модар ба қайд гирифта нашудааст.



Бояд гуфт, ки шумораи таваллуди хонагӣ дар соли 2018 352 ҳодиса ба қайд гирифта шудааст, ки ин шумора нисбати соли 2017 203 ҳодиса камтар мебошад. Зиёдшавии таваллуди хонагӣ асосан бо иштироки мутахассисони соҳаи тиб ва мутахассисони тиббӣ оилавӣ дар ҷойҳои дурдасти ноҳияҳои Ванҷ, Дарвоз, Шуғнон ва Ишкошим ба қайд гирифта шудааст.

Ҷараёни таълим аз тарафи муаллимони Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тиббӣ оилавӣ ва асисстентҳои кафедраи «Тиббӣ оилавӣ»-и Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисоси баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустӣ ҳамаҷониба дастгирӣ карда шуда истодааст.

## Пешгирӣ аз бемориҳои сироятӣ

Қобили зикр аст, ки соли гузашта бо мақсади пешгирии як қатор касалиҳои сирояткунанда ба монанди вируси норасоии масунияти одам (ВНМО), бемории сил, бемориҳои шадиди роҳҳои нафаскашӣ, касалии қанд, зардпарвин, касалиҳои дилу рагҳо ва ғайрамаводҳои таълимотӣ ба аҳолии ВМКБ тақсим карда шуд. Инчунин Маркази ташаккули тарзи ҳаёти солим ва Шӯрои ҳамоҳангсозии пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО-и вилоят бо муассисаҳои табобатию-профилактикӣ ҳамкории зич дошта, аз рӯи нақшаи тасдиқшуда доир ба пешгирии бемориҳои сироятӣ ва ғайрисироятӣ, инчунин бемориҳои мавсимӣ бо мардум суҳбат ва вохӯриҳоро ба роҳ мондааст.



**Фаъолияти кошонаҳои ҳусн, сартарошхонаҳо ва сатҳи хизматрасонии онҳо таҳти назорати қатъии Сарраёсати Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар вилояти Хатлон қарор доранд.**

# Кошонаҳои ҳусн ва сартарошхонаҳо зери назоратанд

Бояд гуфт, ки баъди дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Сарраёсати Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар вилояти Хатлон гурӯҳҳои корӣ аз ҳисоби мутахассисони Сарраёсат ва Маркази санитарию эпидемиологӣ таъсис дода, фаъолияти кошонаҳои ҳусн, сартарошхонаҳо ва ҳуҷраҳои стоматологии хусусиро мавриди санҷиш қарор дод.

Бино ба гуфти сардори Сарраёсат Маҳмадҷон Абдулқодирзода, дар рафти ин санҷиш фаъолияти 29 сартарошхона, 20 кошонаи ҳусн ва 13 адад ҳуҷраҳои дандонпизишкии шаҳри Бохтар омӯхта шуд.



Зимни санҷишҳо дар муассисаҳои номбурда камбудиҳои зиёд, аз қабили ба талаботи санитарию эпидемиологӣ ҷавобгӯ набудан, риоя накардани ҳуҷҷатгузориҳои зарурӣ ва нигоҳ доштани дорувории муҳлати истифодабариашон гузашта ошкор ва ба қайд гирифта шуд.

Дар асоси камбудиҳои ошкоршуда бошад, фаъолияти 18 сартарошхона, 7 кошонаи ҳусн ва 1 ҳуҷраи дандонпизишкӣ манъ карда шуд.

Ҳамчунин нисбати 5 нафар табибони ҳуҷраҳои дандонпизишкӣ барои риоя накардани қоидаҳои муомилот бо маводи доруворӣ парвандаи ҳуқуқвайронкунӣ тартиб дода шуда, ба маблағи 10 ҳазор сомонӣ ҷаримабандӣ карда шуд.

Бояд гуфт, ки бо ба анҷом расидани санҷишҳо ва омӯзишу таҳлили вазъ роҳбарияти Сарраёсат дар баробари гузаронидани санҷишҳо ва ошкор намудани камбудиҳо инчунин ба соҳибкорон кумакҳои амалию методӣ мерасонад.

Аз ин ҷост, ки баъди ба анҷом расидани санҷиш ҷаласаи корӣ бо иштироки роҳбарони кошонаҳои ҳусн, сартарошхонаҳо ва ҳуҷраҳои стоматологӣ баргузор намуда, атрофи камбудиҳои ҷойдошта, роҳҳои бартараф намудани он ва талаботи қонунгузорӣ суҳбат намуданд. Баъд аз ин ҷаласа дар ҳамбастагӣ бо Маркази пешгирии бемориҳои ВНМО дар вилояти Хатлон дар ҳамаи кошонаҳои ҳусн, сартарошхонаҳо ва ҳуҷраҳои стоматологӣ гӯшаҳои иттилоотӣ ташкил карда шуданд. Ҳамчунин аз ҳар як ҳуҷраи стоматологӣ ҳамшираҳои шафқат барои омӯзиши истифодаи тестҳои оҷилӣ оид ба ошкор намудани бемории ВНМО ба Маркази мубориза бо бемории ВНМО сафарбар карда шуданд. Барои кормандони кошонаҳои ҳусн бошад, Сарраёсат дар ҳамкорӣ бо Донишкадаи баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустӣ курсҳои кутоҳмуддати омӯзишӣ ташкил намуд, ки давра ба давра ҳамаи кормандони кошонаҳои ҳусн аз омӯзиш гузаронда мешаванд. Аллакай як гурӯҳи 14 -нафара курсро ба анҷом расонадаву гурӯҳи дуюм ба машғулият оғоз хоҳанд кард.

Дар баробари ин, он кошонаҳои ҳусн ва сартарошхонаҳое, ки ба талаботи санитарию эпидемиологӣ ҷавобгӯ набуданд, фаъолияташон манъ карда шуда буд, баъди таъмири капиталию косметикӣ ва бартараф намудани дигар камбудиҳои ҷойдошта ба фаъолият шурӯъ карданд.

Айни замон сарраёсати мазкур сатҳу сифати хизматрасонӣ дар ин муассисаҳо ва пешгирии бемориҳои сироятиро таҳти назорати қатъӣ гирифта, бо соҳибкорон ҳамарӯза корҳои фаҳмондадиҳӣ мебарад.

**Сайраҳмон НАЗРИЕВ,**
**шаҳри Бохтар**

# Йод ва норасоии он дар организми инсон

**Йод яке аз микроэлементҳое мебошад, ки дар организми инсон нақши асосӣ мебозад.**

Норасоии йод дар организм ба иллатҳои гуногун дар асабу рагҳои дил, дар занон ба бачапартоию тавлиди тифли беҷон, безурриётӣ, дар мардон ба инкишофи носолими узвҳои таносул оварда мерасонад. Ҳоло дар ҷаҳон 1,5 миллион одам ба иллати қадпастӣ, норасоии ғизо ва лоғарӣ дучор ҳастанд, ки сабаби асосиаш норасоии йод ва баъзе дигар микроэлементҳои ғизоӣ мебошад.




**ЧАНД АЛОМАТИ НОРАСОИИ ЙОД МАЪЛУМ ГАРДИДААСТ, КИ ИНҲО:**

- *бемадорӣ;*
- *паст шудани қобилияти меҳнатӣ ва ақлӣ;*
- *сустшавии зеҳн;*
- *нафасгир шудан ҳангоми кори сабук;*
- *хушкшавии пӯст ва ё арақкунии барзиёд;*
- *хушк шудан ва рехтани мӯйи сар мебошанд.*

Аз рӯи гуфтаи коршиносони соҳаи тиб ҳормонҳои ғадуди сипаршакл кори ҳама узвҳои баданро ба танзим медарорад, ки барои фаъолияти мӯътадили ин ғадуд дар як шабонарӯз 150-200 микрограмм йод лозим меояд.

Ҷоғар (зоб) бемориест, ки аз норасоии йод дар бадани инсон пайдо шуда, аломатҳои нахустинаш варами гулӯ, нафастангӣ ва бемадорӣ аст. Бо дарназардошти таъсири ин беморӣ ба генофонд, пешгирӣ аз бемориҳои камйодӣ аз муҳимтарин масъалаҳои соҳаи тандурустӣ ба шумор меравад. Бо мақсади пешгирии бемориҳои камйодӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2002 «Қонун дар бораи йодноккунонии намак»-ро қабул кард, ки ба ҳифзи солимии мардум нигаронида шудааст.

Муолиҷаи касалии ҷоғар аз 6 моҳ то 2 сол идома ёфта, дар ин муддат беморон бояд реҷаи истеъмоли доруҳои фармударо риоя кунанд. Барои пешгирӣ аз иллати норасоии йод бояд бештар маҳсулоти баҳрӣ, аз ҷумла, моҳӣ, карами баҳрӣ ва донагиҳои серғизо истеъмол намуд. Дар сурати пайдо шудани аломатҳои ҷоғар беморон бояд сари вақт ба пизишкон муроҷиат намуда, ба табобат фаро гирифта шаванд.

Вақти ин ҳолатҳоро дар худ, фарзандон ва ё наздикон эҳсос намудан ҳатман ба табибони соҳа муроҷиат намудан лозим аст. Аслан, ин ҳолат барои занони ҳомиладор хатарнок аст, зеро фарзандашон бо зеҳни кунд таваллуд мешаванд.

Ҳеҷ гоҳ ба намак ва ё хӯрок худсарона йод ҳамроҳ кардан лозим нест, чунки ин ба саломатии инсон хатар дорад.

**Таҳияи**
**Г. МАҲМАДАЛИЕВА**

# Маъюбон ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳанд


Абдулҳаким Холов

**Дар сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои дастгирӣ, пешбурд ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қишри осебпазири ҷомеа, бахусус маъюбон, бепарасторон, шахсони дорои имконияташон маҳдуд мавқеи махсусро ишғол менамоянд. Яке аз зуҳуроти чунин ғамхорӣ - ин 22 марти соли 2018 аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба имзо расонидани Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон мебошад. Чунин иқдом аз ҷонибдорӣ ва дастгирии Тоҷикистон дар самти ҳифзи ҳуқуқи инсон шаҳодат дода, барои баланд шудани обрӯю нуфузи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мусоидат менамояд. Вобаста ба ин мавзӯъ суҳбате оростем бо Абдулҳаким Холов, директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ.**

**-Имрӯз дар ҷаҳон чӣ қадар маъюб ба қайд гирифта шудааст?**

- Мувофиқи таҳлилҳои Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ, дар ҷаҳон беш аз 1 миллиард одамон яке аз навъҳои маъюбиро доранд, ки ин шумора 15%-и аҳолии курраи заминро ташкил медиҳад.

**-Дар кишвари мо чӣ қадар кӯдакони маъюб ба қайд гирифта шудааст?**

-Дар давоми соли 2018 ба Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ ва сохторҳои марбутаи он 12114 нафар кӯдак барои муқаррар намудани категорияи "маъюбӣ" муроҷиат намудаанд. Аз ин теъдод ба 11525 нафар категорияи "кӯдаки маъюб" муқаррар гардидааст, ки ин 95,1%-и муроҷиаткунандагонро ташкил додааст. Муроҷиати нахустмаротибаи кӯдакон: аз 4372 нафар кӯдакони нахустмаротиба муроҷиатнамуда ба 4230 нафари онҳо маъюбӣ муқаррар карда шудааст, яъне 96,7%-ро ташкил медиҳад.

**-Ба назари Шумо омилҳое, ки ба маъюбии кӯдакон оварда мерасонанд, кадомҳоянд?**

-Таҳлили маводҳои пешниҳодгардида собит месозанд, ки дар маҷмӯъ, бемориҳое, ки ба маъюбии кӯдакон оварда мерасонанд, асосан ин бемориҳои асаб, рӯҳӣ, узвҳои такягоҳ ва бофтаҳои мушаку пайҳо, чашм, шунавоӣ, дил, бемориҳои захмию осеббардорӣ ва дигар ҳолатҳои таъсири беруна мебошанд.

**-Кадом барномаҳои давлатӣ дар кишвар вобаста ба дастгирии ҳуқуқии шахсони имконияташон маҳдуд ба тасвиб расонида шудаанд?**

-Мавриди зикр аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор стратегия ва ҳуҷҷатҳои муҳимеро дар самти дастгирии ҳуқуқҳои маъюбон, шахсони имконияташон маҳдуд ба тасвиб расонидааст, ки ин пеш аз ҳама Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии аҳолии маъюбон", "Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020", "Стратегияи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020", ба тасвиб расонидани ҳуҷҷат "Оид ба баёнияи мавқеъ нисбати маъюбон барои солҳои 2014-2019" бо номи "Саломатии беҳтар барои маъюбон бо мақсади бунёди ҷомеаи фарогир дар Тоҷикистон" ба имзо расонидани "Конвенсия дар бораи ҳуқуқи маъюбон" аз ҷониби Пешвои миллат аз ҷумлаи онҳо маънидод мегардад, ки мақсади асосии онҳо таъмин намудани шароити мусоид барои маъюбон, беҳтар намудани вазъи тандурустӣ ва солимгардонии онҳо мебошанд. Ҳамчунин моҳи марти соли равон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Ню-Йорки ИМА зери Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи шахсони маъюб имзо гузоштанд.

> *"Ҳоло дар кишвар 149 ҳазор нафар шахсони маъюб, аз ҷумла 15 ҳазор нафар маъюбони гурӯҳи якум, қариб 27 ҳазор нафар маъюбони то 18-сола ва 71 ҳазор нафар ятимон умр ба сар мебаранд.*
>
> *Маблағи умумие, ки ҳар моҳ аз ҳисоби буҷети давлат танҳо ба ятимон пардохта мешавад, беш аз 12 миллион сомониро ташкил медиҳад.*
>
> *Мо дар оянда низ ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла ғамхорӣ дар ҳаққи гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, дар навбати аввал ятимону маъюбон, шахсони бесаробонмондаву эҳтиёҷманд ва нафақахӯрону собиқадоронро аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини худ мешуморем".*
>
> **АЗ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**



**-Дар соли сипаригардида чанд нафар шахсони маъюб ва ё шахсони имконияташон маҳдуд бо роҳхатҳои санаторию курортӣ таъмин гардиданд?**

-Соли 2018 ба масъалаҳои таъмин намудани маъюбон бо табобати санаторӣ-курортӣ аҳамияти бештар дода, дар мавсими истироҳатӣ ҳамаи муассисаҳои соҳавӣ фаъолияти пурсамар доштанд. Имрӯз дар системаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 103 муассисаи хизматрасонии иҷтимоӣ барои пиронсолону маъюбон ва кӯдакони имконияташон маҳдуд фаъолият доранд. Айни замон дар низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ як Муассисаи давлатии "Осоишгоҳи табобатии собиқадорони ҷангу меҳнати "Харангон"-и ноҳияи Варзоб" ва се "Истироҳатгоҳи табобатии собиқадорони ҷангу меҳнати "Дӯстӣ"-и ноҳияи Ҷайҳун", "Истироҳатгоҳи табобатии собиқадорони ҷангу меҳнати "Ромит"- шаҳри Ваҳдат ва "Истироҳатгоҳи табобатии собиқадорони ҷангу меҳнати "Биби Фотимаи Заҳро"-и ноҳияи Ишкошим бо филиалаш дар ноҳияи Роштқалъа (Занинс)" ба таври мавсимӣ фаъолият менамоянд. Соли 2018 аз ҷониби муассисаҳои истироҳатии соҳавӣ 1558 нафар бо роҳхат, 374 нафар роҳбалад ва 511 нафар ба таври шартномавӣ ва аз инҳо 807 нафар шахсони маъюб ва дар маҷмӯъ, 2443 нафар ба истироҳату табобат фаро гирифта шудаанд, ки аз ин 2443 нафар 807 нафарашон маъюбон мебошанд. Дар баробари ин, дар асоси талаботи шаҳру ноҳияҳо ба роҳхатҳои санаторию курортӣ дар соли 2018 ба маблағи зиёда аз 240 ҳазор сомонӣ роҳхатҳо ба санаторияҳои ҷумҳуриявӣ харидорӣ гардида, тибқи ҷадвали тақсимот ба бахшҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дастрас гардидаанд.

**- Ҷиҳати таъмини муҳити дастрас барои шахсони имконияташон маҳдуд аз ҷониби вазорат ва сохторҳои марбутаи он кадом имтиёзҳо мавҷуд аст?**

- Ҳамасола ба масъалаи ҳифзи иҷтимоии маъюбон ва таъмини муҳити дастрас барои шахсони имконияташон маҳдуд аз ҷониби вазорат ва сохторҳои марбутаи он як қатор корҳо анҷом дода мешаванд. Бояд қайд намуд, ки Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии кишвар ва сохторҳои марбутаи он аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ барои таъминоти ниёзмандон бо маҳсулоти протезию ортопедӣ ва воситаҳои тавонбахшӣ 923 адад аробачаҳои гуногуни маъюбӣ, 1796 адад асо, 645 асо барои нобиноён, 754 ҷуфт асобағал, 363 адад асобағал то оринҷ, 287 дона дастгоҳи шунавоӣ, 76 ортез ва 155 адад роҳравак ба ниёзмандон дастрас карда шудааст.

**М. ГУЛРУХСОР**

**Истифодаи тамоку, бахусус, сигор дар Тоҷикистон як амали маъмул аст ва онро яке аз роҳҳои ором кардани асаб медонанд. Вале як назари иҷмолӣ ба оқибатҳои ин амал хонандаро огаҳ хоҳад кард, ки бар ивази ором кардани асаб чӣ зарарҳоеро вориди ҷисми солими худ мекунад. Тамоку моддаи заҳрнок буда, пас аз ба хун ворид шудан баъд аз 7 сония ба мағзи сар ва дигар узвҳо паҳн мегардад. Дуди сигор, никотин мағзи сарро карахт карда, ба кас оромӣ мебахшад. Бинобар ин баъзе шахсон зарари онро нодида гирифта, бо ин роҳ мехоҳанд асабонияти худро рафъ кунанд. Аммо бояд гуфт, ки тамоку метавонад боиси пайдоиши маризиҳои дигар гардад ва ҳатто ба марг оварда расонад.**

# Тамоку – маводи таскиндиҳанда ё омили бемориҳои вазнин?



Олимон собит кардаанд, ки истифодаи барзиёди тамоку қувваи ҳофизаро заиф ва инсонро фаромӯшхотир месозад. Никотин боиси зиёдшавии глюкоза дар хун шуда, каллорияи аз ғизо гирифтаи организмро сӯзонда нобуд мекунад, ки дар натиҷа, кас аз ҳад зиёд лоғар мегардад. Тибқи тадқиқотҳо, истифодаи зиёди сигор ҳатто ба безурриётии мардон ва зуд аз насл мондани занон, ё таваллуди пеш аз мӯҳлат, таваллуди кӯдакони носолим оварда мерасонад. Муайян гардидааст, ки дар таркиби дуди сигор беш аз 4000 моддаи кимиёвӣ, ҳадди ақал 250 намуди онҳо ба саломатӣ хатарнок ва зиёда аз 50 намудашон консерогенҳо (таҳриккунандаи бемории саратон) мебошанд, мавҷуд аст. Дуди тамоку бемориҳои хатарноки дилу рагҳои хунгард ва роҳи нафас, ҳамчунин бемориҳои ишемиявии дил (норасоии оксиген дар мушакҳои дил) ва саратони шушро ба вуҷуд меорад.

Сигоркашӣ хатари пайдошавии ҳар гуна бемориҳо, аз ҷумла саратон, махсусан саратони шушро зиёд мекунад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки 80 дарсади ҳодисаҳои гирифторшавӣ ба ин бемории ба сигоркашӣ рабт дорад. Ҳангоми кашидани сигор 20-25 дарсад моддаҳои заҳрнок ба организми инсоне, ки умуман, сигор намекашад ва дар паҳлуи тамокукаш, ки дар дохили як бино қарор доранд, ворид мегардад. Олимон дар натиҷаи пажӯҳиши густурда ба хулосае омаданд, ки истеъмоли барзиёди сигор умри инсонро кам мекунад. Ҳамчунин, сигоркашӣ омили асосӣ ва ягонаест, ки саратони шушро ба вуҷуд оварда, сабаби пайдо шудани саратони меъда, сурхрӯда ва рӯда мегардад. Бинобар ин, пойбанд гаштан ба сигор ва истифодаи он, бахусус, дар байни кӯдакон ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст. Дар асоси тадқиқоти баҳодиҳӣ ҳоло дар ҷумҳурӣ зиёда аз 500 ҳазор нафар тамоку мекашанд. Аз ин шумора 78 % мардон, 10 % занон буда, 12 % наврасонанд.

Тибқи маълумоти Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ (ТУТ), дар ҳар шаш сонияи аз таъсир ва истеъмоли тамоку тақрибан як нафар ба ҳалокат мерасад. Ҳамасола дар ҷаҳон зиёда аз 6 миллион нафар бар асари бемориҳое, ки ба тамокукашӣ вобастаанд, мефавтанд, ки ин дар маҷмӯъ, назар ба фавт аз ВНМО, сил ва вараҷа зиёдтар аст. Ин шумора то соли 2030 метавонад ба 10 миллион нафар бирасад, бинобар ин соли 2015 Конвенсияи қолабии Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ оид ба мубориза бо тамоку қабул гардид. Ба гуфтаи намояндаи Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ Игор Паканевич, шахси тамокукаш на танҳо ба саломатии худ, балки наздиконаш низ таъсир хоҳад расонид. Бинобар ин бояд дар ин самт корҳои назаррасро ба роҳ монд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи маҳдуд намудани истеъмоли тамоку таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, мақомоти марбутаи кишвар ҷиҳати коҳиши зарари тамоку ба саломатии инсон саҳми бориз мегузоранд. Қабули Конвенсияи амсилавӣ оид ба мубориза дар зидди тамоку аз ҷониби Тоҷикистон дар соли 2013 далели гуфтаҳои болост. Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро барои қабули ин қонун яке аз барандагони Ҷоиза барои саҳмгузорӣ дар роҳи мубориза бо тамоку эълон кард. Бо ташаббуси Президенти Тоҷикистон, ки мубориза бо тамокукаширо аз самтҳои муҳими сиёсати худ қарор доданд, 2 январи соли 2018 қонуне қабул шуд, ки кашидани тамоку дар ҷойҳои ҷамъиятиро манъ мекунад. Мақсад аз қабули ин қонун кам намудани истеъмоли маҳсулоти тамоку миёни аҳолии мамлакат ва баланд бардоштани сатҳи солимии миллат аст.

Ба гуфтаи Мирҳамуддин Камолзода, муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар мамлакат дар самти мубориза бо истеъмоли тамоку корҳои зиёд анҷом дода мешавад. Аз ҷумла, лоиҳаи Қонуни ҶТ «Дар бораи маҳдуд намудани маҳсулоти тамоку» дар таҳрири нав ба Ҳукумати ҶТ пешниҳод гардид, ки истифодаи тамоку, фурӯш ва истеҳсоли маҳсулоти тамокуро ба танзим медорорад.

- Тибқи ин қонун кашидани сигор ва нос дар тамоми ҷойҳои ҷамъиятӣ ба истиснои ҷойҳои таъйиншуда мамнӯъ аст. Рекламаи тамоку низ иҷозат нест-илова намуд ӯ.

Дар баробари тамоку, дар Тоҷикистон кашидани нос хеле

**ДАР ХОТИР ГИРЕД**

**ТИБҚИ МАЪЛУМОТИ ТАШКИЛОТИ УМУМИҶАҲОНИИ ТАНДУРУСТӢ, ДАР ҲАР ШАШ СОНИЯ АЗ ТАЪСИР ВА ИСТЕЪМОЛИ ТАМОКУ ТАҚРИБАН ЯК НАФАР БА ҲАЛОКАТ МЕРАСАД.**

маъмул аст. Истеъмоли нос сабаби бемориҳои саратони лаб, забон ва гулӯ мегардад. Ҳангоми кашидани нос як қисми он ба меъда рафта, шахс метавонад ба бемориҳои илтиҳоб ва захми меъда гирифтор шавад. Мутахассисони соҳаи тиб таркиби носро ташхис намуда, ошкор намуданд, ки дар он моддаҳои кимиёие мисли хром, никел, марги муш, сурб ва дигар моддаҳои хатарнок мавҷуданд.

Мутобиқи талаботи таҳияи нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамоку» дар истифодаи он як қатор маҳдудиятҳо ҷорӣ карда шуданд. Масалан, дар дохили биноҳо ва ҳудуди онҳо, инчунин бо истифодаи автоматҳо дар масофаи на камтар аз 100 метр аз ҳудуди муассисаҳои тандурустӣ (беморхонаҳо, марказҳои саломатӣ, таваллудхонаҳо), таълимӣ (мактабҳо, литсейҳо, гимназияҳо, коллеҷҳо, донишгоҳу донишкадаҳо), иттиҳодияҳои динӣ (масҷид, калисо) фурӯши ҳама намуди тамоку ба шахсони ноболиғ (то 18- сола) манъ аст. Дар ҳолати пайдо шудани шубҳа оид ба синну соли харидор фурӯшанда уҳдадор аст, ки аз харидор ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсиятро талаб намояд. Дар ҳолати аз ҷониби харидор пешниҳод нашудани ҳуҷҷат фурӯшанда уҳдадор аст, ки фурӯши маҳсулоти тамокуро ба ин харидор рад намояд.

Барои маълумотдиҳӣ ба муштариёни нуқтаҳои савдо, соҳибмулкон (истифодабарандагон)-и ин объектҳо дар ҷойҳои намоён бояд лавҳаҳои маълумоти бо матни зерин ҷойгир кунанд:

«Мутобиқи моддаи 5 Қонуни ҶТ «Дар бораи маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамоку ба шахсони синнашон ба 18- солагӣ нарасида манъ аст!»

Маҳдудиятҳои дигар барои фурӯши тамоку: фурӯши сигор ва папирос дар ҳолати аз бист дона кам будани теъдоди он дар борпечи истеъмолӣ (қуттӣ), фурӯши донабайъи сигор ва папирос, инчунин фурӯши маҳсулоти тамоку бе борпечи истеъмолӣ ва ҳуҷҷатҳои дахлдори тасдиқкунандаи сифати маҳсулоти тамоку, фурӯш, истеҳсол ва паҳнкунии маҳсулоти хӯроквории ба маҳсулоти тамоку монанд манъ мебошад!

**Фурӯши тамоку ба тариқи зайл бояд сурат гирад: барои ба харидор расонидани маълумот оид ба маҳсулоти тамокуи ба фурӯши чакана гузошташуда фурӯшанда уҳдадор аст, ки дар толори фурӯшгоҳ номгӯи маҳсулоти тамокуро ҷойгир кунад, ки он бояд ба таври зайл анҷом дода шавад:**

- матни номгӯ бо ҳарфҳои андозаашон якхела
- калимаҳо бо ранги сиёҳ дар коғази сафед
- бо тартиби алифбоӣ
- бо қайди нархи маҳсулоти тамоку
- бе истифодаи расмҳои графикӣ ва тасвирҳо

Барои вайрон кардани талабот дар бораи манъи истифодаи маҳсулоти тамоку мутобиқи қонунгузорӣ шахси тамокукаш ва муассиса ҷавобгарии баробар доранд.

Дар интиҳо бояд гуфт, ки тамоми шароит барои ҳимояти аз бемориҳое, ки тамоку сарчашмаи он аст, шароит, чӣ назариявӣ ва чӣ амалӣ фароҳам шудааст. Танҳо бояд аз назария огаҳ буд ва онро дар амал татбиқ кард, зеро саломатӣ беҳтарин арзиши башарист, ки ҳама имконот, бурду бохти инсон ба он вобаста аст.

**Гулрухсори МАҲМАДАЛӢ**

Инсон бо василаи хӯрдану нӯшидан ҷисму ҷони худро қувват мебахшад. Ғизои моддӣ нерӯи инсонро таҳким бахшида, инкишоф медиҳад. Чигунагии фаъолияти ҷисмонию равонии инсон аз ғизо вобастагии зиёд дорад.

# Пурхӯрӣ- зарар ба саломатӣ



Тифли навзод бидуни хӯроку нӯшокӣ инкишоф намеёбад. Ин чиз пӯшида нест, ки шахси гурусна ва ташна кореро бо завқи тамом ба сомон расонида наметавонад. Гуруснагию ташнагӣ ба инсон таъсири манфии равонӣ мерасонад, иқтидор ва майлу хоҳиши ӯро коҳиш медиҳад. Хӯрок хӯрдану нӯшидан ва хобу истироҳат аз ҷумлаи зарурати ҳаёти инсонӣ мебошад. Новобаста аз зарурати ҳаётӣ будани хӯрдану нӯшидан ва хобу истироҳат инҳо ҳар кадом меъёри худро доранд. Ба инобат нагирифтани меъёр, ё ба ифодаи дигар аз андозаи муқарраршуда зиёд хӯрдану нӯшидан ва хобидан ба ҷисми инсон таъсири манфӣ мерасонад. Барзиёд хӯрдану нӯшидану хобидан ба кас нороҳатӣ, заифӣ ва беморӣ оварда, ҳатто боиси марг шуданашон мумкин аст.

Агарчӣ хӯрок асосӣ нерӯмандии инсон, боиси саломатию хушҳолиаш аст, аз меъёр зиёд истеъмол намудани он зиён дорад. Зиёд хӯрданро бо ифодаи дигар пурхӯрӣ мегӯянд.

Ҳолати меъда ба ҳассосият, фишори хун, фаъолияти ҷисмонию фикрии инсон таъсири неку бади худро мерасонад. Бо ғизову витаминҳо, сафедаву намакҳо таъмин шудани узвҳои бадани мо аз ҳолати фаъолияти меъдаамон вобастагии қавӣ дорад. Агар меъда бо фаъолияти муътадили худ хӯрокию нӯшокиро ба пуррагӣ ҳазм кунад, ҳамаи узвҳои мо аз ғизо баҳраманд мегарданду организми мо ҳам муътадил амал мекунад. Бо ин васила мо худро қавию неруманд ҳис намуда, аз уҳдаи иҷрои кори ҷисмонию фикрӣ баромада метавонем.

Мутаассифона, пурхӯрӣ, яъне риоя накардани меъёри истеъмоли хӯрок боиси бемориамон мегардад. Ин одати бад - пурхӯрӣ на танҳо ба ҷисму рӯҳи мо зарар мерасонад, балки шаъну эътибори моро дар назди ҷомеа коста мегардонад.

Бояд қайд кард, ки меъдаи мо қувват ва имконияти ҳазми хӯроки аз меъёр зиёд истеъмолкардашударо надорад. Пӯшида нест, ки баъзеҳо агар барояшон дар як вақт чандин номгӯи хӯроки болаззат пешниҳод намоянд, аз хӯрдани онҳо худдорӣ нанамуда, пас аз хӯрдан боиси ранҷу нороҳатии худ ё мубталои ягон беморӣ мегарданд.

Дар миёни халқамон як таъкиде машҳур аст, ки хӯроки субҳонаро бо дӯстат хӯр, хӯроки нисфирӯзиро бошад худат ва хӯроки шомро ба душманат деҳ.

Ин гуфта асоси илмӣ дорад. Шабонгоҳ, махсусан пеш аз хоб истеъмоли хӯрок ба ҷисми инсон зарар дорад.

Шайхурраис Абӯалӣ ибни Синои бузургвор фармудааст: «Ҳеҷ чиз ба сиҳатии инсон бештар аз он садама намезанад, ки ғизо ба рӯи ғизо тановул намоянд».

Дар хусуси қоидаҳои хӯрокхӯрӣ табибони варзида ва адибони номвари форсу тоҷик бисёр суханони арзишманд гуфта, моро бо суханони пурҳикмати хеш ба шикастанафсӣ, камхӯрӣ, ки боиси тандурустиамон аст, даъват намудаанд.

**ШАЙХ МУСЛИҲИДДИН САЪДИИ ШЕРОЗӢ ФАРМУДААСТ:**

**«Таом он гаҳ хӯранд, ки иштиҳо ғолиб ояд ва сухан он гаҳ гӯянд ки зарурат бошад ва сар он гаҳ ниҳанд, ки хоб ояд, суҳбат он гаҳ кунанд, ки шавқ ба мунтаҳо бирасад».**

**Омодасоз М. ФАРИДУН**

## НАВТАРИН ДАСТОВАРДҲОИ ТИББИ ҶАҲОНӢ

## Ҳаво олуда – мардум маҳзун



Ахиран олимон маълум кардаанд, ки ҳар қадар ҳаво ифлос бошад, ҳамон қадар одамон ғамгину афсурда мегарданд. Тавре ки The Daily Mail, хабар медиҳад, ҳавои олуда нишондиҳандаҳои когнитивӣ, самаранокии меҳнат ва IQ-ро паст намуда, дар маҷмӯъ ба саломатӣ зарар мерасонад. Махсусан ба рӯҳу равони инсон таъсири бад доштааст.

Мувофиқи маълумоти Институти технологии Массачусетс, сифати ҳаво метавонад ба тарзи фикррони ва хулосабарории одамон таъсир расонад. Вақте инсон дар ҳолати ноҳинҷории равонӣ қарор мегирад, дар хулосабарорӣ ва қабули қарорҳо диққати махсус дода наметавонад.

Дар рӯзҳои пурчангу ғубор одамон бештар ба корҳои таваккалӣ даст мезананд, ки сабабаш ҳолати беихтиёрона ва ошуфтаҳолӣ будааст. Олудагии зиёди ҳаво нишондиҳандаҳои хушбахтии занон ва одамони сердаромадро паст мекардааст. Мутахассисон маслиҳат медиҳанд, ки одамон дар интихоби ҷои зист бодиққат буда, ҳангоми олудагии аз меъёр зиёди ҳаво аз ниқобак истифода баранд ё ба кӯча камтар бароянд.

## Зарари гӯшти коркардшуда



Агар одам ҳар рӯз 25-30 грам гӯшти коркардшударо истеъмол намояд, дар вай эҳтимоли пайдоиши саратони сина 9 фоиз зиёдтар мешавад, нисбат ба онҳое, ки чунин маҳсулотро на бештар аз 5 грам дар як рӯз истеъмол мекунанд, менависад «Российская газета». Ин хулосаро олимон дар асоси таҳлили 15 тадқиқоти илмӣ баровардаанд. Дар ин тадқиқот маълумоти 1,2 миллион бонувон истифода шудааст.

Аниқ карда шудааст, ки пайдоиши ғадудҳо метавонад натиҷаи мавҷудияти нитрити натрий (E250) дар гӯшти коркардшуда бошад. Ин компонент дар ҳасиб, ҳасибча, ветчина, равғани хук, хот-дог, гӯшти намакин, консерваҳои гӯштӣ вомехӯрад.

Расман гӯшти коркардшуда гуфта, маҳсулоти гӯштии тайёршударо мефаҳманд, ки бо ёрии намаккунӣ, консервакунӣ, дуддиҳӣ ва ғайра омода мешаванд, ки мақсади он зиёдкунии лаззат ва муҳлати нигоҳдории маҳсулоти гӯштӣ мебошад.

## Робот - дорурасони асри нав



Доруҳоро метавон тавассути роботҳои микроскопӣ ба организми одамон ворид кард, ки ин роботҳо шакл ва суръати худро вобаста аз ҳаракаташон дар ҷисми инсон тағйир медиҳанд ва ҳамчунин имкон доранд, ки ба ҷойҳои дастнорастарини организм рафта расанд (рагҳои борик ва моеъоти часпанда). Ин ақидаи муҳандисони Мактаби олии техникии Сюрих ва Мактаби федералии политехникии Лозани кишвари Швейтсария мебошад, менависад The Daily Mail.

Дарозии ин роботҳо 5 миллиметр мебошад. Моводи асосие, ки аз он чунин роботҳо сохта мешаванд, гел мебошад, ки он дар ҷисми инсон аксуламал нишон медиҳад. Ба ин гел нано-қисмҳои магнитӣ илова шудааст, ки имкон медиҳад онро бо ёрии майдони электромагнитӣ идора кардан мумкин аст.

Ин роботҳо қобили ҳаракат буда, ҳадаф аз онҳо расонидани дору ба мушкилтарин қисматҳои бадани инсон ба шумор меравад.

**Манбаъ: www.meddaily.ru**

# Тибби халқӣ рушд менамояд

**Одамон аз давраҳои ибтидоӣ сар карда, бо тиббу табобат мӯҳтоҷ буданд ва имрӯз тиб ба зарууртарин соҳаи илм табдил ёфтааст.**



Ҳифзи саломатӣ, мадад расонидан ба шахси бемор, имконияти дароз намудани умр, ихтироъҳои нав ба нав диққати инсонро ба худ ҷалб менамуд. Мубориза барои ҳаёт ва зидди марг-масъалаи аввалинест, ки барои ҳалли он одамизод аз рӯзи нахустини пайдоиши худ камар баста буд.

Ҳамин тавр, одами давраи ибтидоӣ дар асоси санҷишҳои пай дар пай ва ҳаррӯзаи худ доир ба ашёҳои доругиву растаниҳои заҳрнок, аломатҳои ин ва ё он беморӣ, усули муолиҷаи онҳо таҷрибаи амалӣ менамуд. Дар натиҷаи ин таҷрибаҳои гуногун тибби аз ҳама қадимтарин-тибби халқӣ пайдо шуд.

Тибби халқӣ - ин маҷмӯи амалиёти гуногуни дар байни халқ дар асоси таҷрибаи ҳазорсолаи ҳаёти инсон ба вуҷудомада мебошад, ки барои ташхис, табобат, пешгирии беморӣ, дароз намудани умри инсон ё бартараф намудани нуқсонҳои зоҳирии бадани инсон истифода бурда мешавад.

Шахсони ба ин намуди табобат машғулшударо табибони халқӣ номида, доруҳоеро, ки дар тибби халқӣ истифода бурда мешаванд, доруҳои халқӣ меноманд. Доруҳо дар тибби халқӣ аз олами набототу ҳайвонот (гиёҳҳо, устухон, шир, равғану гӯшт, маъдану минералҳо ва ғайра) сохта мешаванд, ки табибони халқӣ аз чунин манбаъҳои табиӣ ҳосил менамоянд:

*-аз растаниҳо, ба монанди зелол, қарақот, ҳазориспанд, сано, бунафша, сирпиёз, қавар (лангурӣ), камол, кунҷит, сумбул, лиму, анор, зира, челон ва ғайра:*

*-аз ҳайвонот - хун, талха, шир, ҷурғот,чакка, гӯшту пӯсти мор, гӯшту равғани суғур, моҳӣ:*

*-аз минералҳо ва маъданҳои зеризаминӣ-замч, намак, мумиё, сафедхок, оҳан, симоб, тилло, нуқра ва ғайра*

Тибби халқиро ибтидои тибби илмӣ меноманд. Омӯзиши илми тибби халқӣ бисёр ҷиҳатҳои шифобахшии як қатор гиёҳҳоро исбот намуд ва ҳоло чунин гиёҳҳо дар тиб васеъ истифода бурда мешаванд. Масалан, аз бандак (пайвандак) эфедрин, аз зелол берберин ва ҳамин тавр, аз даҳҳо гиёҳҳои дигари дар тибби халқӣ истифодашаванда доруҳои гуногун ҳосил намуданд.

Танҳо миқдори растаниҳои шифобахш, ки дар тибби мардумии Тоҷикистон барои муолиҷаи ин ё он беморӣ истифода мешаванд, қариб 1500 номгӯй аст. Омӯзиш ва таҳлили доруҳои тибби халқӣ ба мутахассисони тибби имрӯза имконият медиҳад, ки дар асоси ин таҷрибаи бой доруҳои навро ихтироъ намоянд.



Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш аз 22 декабри соли 2016 ба истифодаи растаниҳои шифобахши ватанӣ аҳамияти ҷиддӣ доданд. Баҳри дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат як қатор корҳо ба анҷом расонида шудаанд. Ҳоло ҳамасола дар ин ё он гӯшаи кишвар сеххо ва корхонаҳои махсуси коркарди гиёҳҳои шифобахши ватанӣ ба кор шурӯъ намуда, маҳсулоти онҳо дар дорухонаҳо ба фурӯш гузошта шудаанд ва ин, фикр мекунам, ҳанӯз оғози кор дар ин самт аст.

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо мақсади роҳандозии самараноки рушди гиёҳдармонӣ дар тамоми муассисаҳои тандурустии мамлакат гӯшаҳои гиёҳдармониро ташкил додааст.

Барои тайёр кардани мутахассисони гиёҳдармонӣ, маҳсдармонӣ, табиатшифой ва сӯзандармонӣ бошад, курсҳои кутоҳмуддати омӯзишӣ дар назди КВД "Маркази ҷумҳуриявии тибби халқӣ" амал намуда истодааст, ки ба хатмкунандагони он аз рӯи касбҳои номбаршуда «Шаҳодатномаи тибби халқӣ» дода мешавад.

**Каримхон АБДУРАҲИМЗОДА,**
**муовини директори Маркази ҷумҳуриявии тибби халқӣ**

---

# ГИЁҲДАРМОНӢ

**Газна (ба лотинӣ - Urtica dioica), ки бо номҳои газандиёр, алафи газанда, газангир, анҷура ва тавланг низ маъмул аст, гиёҳе бисёрсола мебошад.**

Аз 30 то 150 см қад мекашад. Пояи рости сершох, барги байзашакли нӯгтез, меваи донашакл дорад. Баргаш бо кунгуранокиаш ба барги тут андак монанд аст. Поя ва баргҳояш бо мӯякҳои «газанда» (номаш аз ҳамин ҷост) пӯшида шудаанд, ки ҳангоми ба кас халидан заҳри онҳо (гистамин, холин ва кислотаи мӯрча) пӯстро месӯзонад.. Моҳи май гул карда, июн тухм мебандад. Асосан чун алафи бегона дар боғу киштзор, инчунин, бешазор, заминҳои нокорам, канори ҷӯй вомехӯрад. Мизоҷаш дар аввали дараҷаи севум гарм ва хушк аст.

Ибни Сино дар "Ал-Қонун" қайд кардааст, ки барги кӯфтаи газна хунибиниро бозмедорад. Агар барги газнаро дар оби ҷав ҷӯшонда нӯшанд, сандуқи синаро тоза мекунад. Марҳами он пучакро сар меорад ва шифо мебахшад. Газна шаҳватро зиёд менамояд. Тухми он давои зиқи нафас ва илтиҳоби шӯш буда, марҳамаш барои муолиҷаи саратон ва варами гӯш ёрӣ мерасонад. Хокистари газна бо намак барои



муолиҷаи захмҳои фасоднок нафъ дорад. Пури Сино бо тухми газна обхӯраро табобат менамуд.

Газна ҳамчун растании шифобахш ҳам дар тибби мардумӣ ва ҳам дар тибби муосир корбурди фаровон дорад. Оби газнаи тарро дар даҳан ва ҳалқ гардонанд, варами забончаи ҳалқро таҳлил медиҳад. Агар газнаро кӯфта, ба узве гузошта банданд, моддаро аз таг ба рӯйи пӯст мекашад, пӯстро захмин мекунад, вале варамҳои сахтро таҳлил медиҳад ва агар бихӯранд, ахлоти ғафсро нарм мегардонад; пешоб, ҳайз ва ширро ҷорӣ (равон) мекунад, арақ меоварад, қуввати боҳро барангезад; узвҳои даруни сина, шуш ва меъдаро аз моддаҳои бегона пок мегардонад: даҳани бачадон, гиреҳи ҷигар ва сипурзро мекушояд.

Барги газнаро дар об ҷӯшонида, он обро бо оби ҷав даромехта бинӯшанд, бемориҳои аъзои даруни синаро, ки иборат аз дамкӯтаҳӣ, ростнафас мебошанд, шифо мебахшад ва узвҳои даруни синаро аз ахлоти ғафси часпак пок месозад.

Хокистари газнаро бо намак даромехта, ба решҳо гузошта банданд, онҳоро хушк ва сиҳат мекунад.

Дар амалияи тибби муосир ҷавҳари обии газнаро ҳангоми хуншории шуш, ҷигар, бачадон ва рӯда тавсия медиҳанд. Ҷавҳари хушки он ба таркиби доруи «аллохол» дохил мешавад (онро дар мавриди гепатит, холангит, холесистид ва қабзияти музмин истифода мебаранд).

Омода ва истеъмол кардани ҳар гуна ғизо, ба монанди самбӯсаву нон бо истифода аз баргҳои газнаву пудина аз манфиат холӣ набуда, балки дармони бисёре аз дардҳост.

**Таҳияи**
**Иброҳим ЯТИМОВ**

# Медицинские маски: защита или фикция?



**Среди множества советов, которые раздаются специалистами во время эпидемий простудных заболеваний, существуют и рекомендации по поводу ношения медицинских масок. Однако нередко такие повязки применяются неправильно, чем лишь повышают риск заражения инфекцией.**



### При каких заболеваниях поможет медицинская маска?

Медицинская одноразовая маска предназначена для защиты дыхательных путей от инфекций. Следовательно, применяться она может только в том случае, если речь идет о болезнях, передающихся воздушно-капельным путем. Такие инфекции поражают горло, нос, носоглотку, легкие. Среди них:

- Острые респираторные вирусные инфекции, в том числе и грипп.
- Корь.
- Паротит.
- Краснуха.
- Ветряная оспа.
- Стрептококковые инфекции, в том числе ангина.
- Туберкулез.
- Коклюш.

Среди наиболее распространенных симптомов таких инфекций — кашель или чихание. И как раз в этот момент человек наиболее заразен, ведь во время кашля возбудители болезни могут распространяться на расстояние до 2 м от больного. Особенно опасны закрытые помещения, потому что в них за достаточно короткое время (не более часа) весь воздух может стать зараженным. В зависимости от типа возбудителя, он будет оставаться опасным от нескольких часов (некоторые вирусы, вызывающие ОРВИ) до 7 лет (палочка Коха — возбудитель туберкулеза). В таком случае заразным становится не только воздух, но и пыль, которую вдыхает человек. Наибольшее количество возбудителей инфекций распространяется при кашле и чихании, однако при дыхании определенный процент также попадает во внешнюю среду.

### ОРВИ и сезон эпидемий: кому следует носить маску?

Медицинские одноразовые маски предназначены для минимизации распространения инфекции. При этом ошибочно считается, что носить их должны как зараженные, так и здоровые люди. Врачи же настаивают, медицинская повязка не может защитить от попадания зараженного воздуха. Степень его просачивания — до 50%. Связано это с тем, что при определенной защите носа и рта она все же неплотно прилегает к коже, а значит, может пропускать любой воздух. Поэтому в помещении с зараженным воздухом маска для предупреждения инфицирования малоэффективна.

Маски рекомендуется носить не здоровым, а только зараженным людям. Именно благодаря такой защите они минимизируют распространение болезнетворных организмов с дыханием, кашлем и чиханием. Ношение маски здоровым человеком может увеличивать риск заражения, поскольку под маской создается подходящая среда для микробов (теплый, влажный воздух), и при попадании под повязку они могут активизироваться.

### Маска для профилактики инфекций

И все же в некоторых случаях маски рекомендованы в качестве профилактической меры. Классический пример — больной с пониженным иммунитетом, который находится в контакте с другими людьми. Речь не идет о среде с высоким риском заражения — очевидных носителей вирусов и бактерий нет. Однако в некоторых случаях больной с инфекцией, которая передается воздушно-капельным путем, может быть заразен еще до проявления симптомов, в инкубационном периоде.

Медицинские маски для профилактики инфекций рекомендованы следующим пациентам:

- Люди в послеоперационный период (по рекомендации врача).
- Онкобольные, проходящие курс химиотерапии и лучевой терапии.
- Пациенты в период восстановления после тяжелых респираторных инфекций, а также болезней легких.

Перечисленным категориям больных маски рекомендуется не носить постоянно, а надевать лишь во время контакта с посторонними людьми, перемещений по медучреждению (например, в процедурные кабинеты).

Еще с 20-х годов XX века маски предписано носить сотрудникам медицинских учреждений. Особенно актуальны они для педиатров и терапевтов, ведущих прием во время эпидемий респираторных заболеваний. При этом в ходе исследования, проведенного специалистами Университета Нового Южного Уэльса, в котором приняли участие 16 тыс. врачей, были получены неоднозначные результаты:

- Медработники, которые носили тканевые маски, болели чаще.
- Маски из ткани и нетканых материалов пропускают вирусы и бактерии. Причем в случае первых процент пропущенных микроорганизмов составляет 97%. По сути, это говорит о том, что тканевые маски вообще не эффективны для профилактики инфекций.
- Маски из нетканых материалов пропускают в среднем 40% болезнетворных организмов.

На основании этого и других исследований от масок из ткани в медицинской практике отказались.

### Виды медицинских масок

Стандартная одноразовая медицинская маска состоит из трех слоев:

- Два внешних слоя.
- Фильтр.

В некоторых вариантах может идти дополнительный фильтр (четырехслойные маски), а в специализированных, предназначенных для хирургов — противожидкостный слой. Специализированные маски используются исключительно в стационарах и только для проведения операций.

Также маски могут быть:

- Нестерильными. Применяются в повседневном использовании в помещении, при большом скоплении людей и прочих ситуациях. Используются для профилактики распространения инфекций, передающихся воздушно-капельным путем.
- Стерильными. Применяются только в спецучреждениях больными, врачами, сотрудниками лабораторий. Использование в обычных условиях нецелесообразно, так как через короткое время в открытой среде маска утрачивает стерильность.

### Правила использования масок

Медицинские маски способны уменьшить риск распространения инфекции только при строгом соблюдении правил их использования:

- Больному респираторными инфекциями следует менять маску минимум раз в 2 часа.
- В том случае, если повязка применяется для защиты от смога, загрязненного воздуха и прочего — можно использовать ее 3-6 часов.
- Все медицинские маски могут использоваться только один раз, являются индивидуальными средствами защиты и не могут носиться двумя и более людьми.
- Не рекомендуется носить маску постоянно. Снимать ее можно в местах малого скопления людей, на свежем воздухе.
- В помещении маска на зараженном человеке должна находиться постоянно.

Также следует помнить, что инфекции, распространяющиеся воздушно-капельным путем, передаются не только по воздуху. Болезнетворные микроорганизмы способны оседать с пылью, оставаться на дверных ручках, посуде и других предметах, сохраняться на коже рук. Поэтому только использование маски — недостаточное мероприятие для защиты от микробов, находящихся в окружающей среде. Помимо этого, рекомендуется:

- Проводить ежедневную влажную уборку.
- Часто проветривать помещение, где находится больной.
- Выделить заболевшему отдельную посуду, полотенце и прочие вещи личного пользования.
- Часто мыть руки с мылом, особенно после прогулок и контакта с заболевшим.

### Какие бывают маски

Существует множество различных конфигураций масок. Наиболее популярные следующие:

- Нетканая медицинская маска.

Самая простая повязка, которая применяется для больных ОРВИ и другими респираторными заболеваниями. Классический вариант имеет заушные петли, а также могут быть на завязках. Маски не обеспечивают плотного прилегания к коже лица. Для их производства используются нетканые материалы из полимерных волокон.

- Детская маска.

Если маска используется для ребенка, необходимо обратить внимание на размер — полотно должно быть не более 140 на 80 мм. В противном случае повязка не будет прилегать к лицу, и эффект защиты будет сведен к минимуму. Детские маски часто производятся из гипоаллергенных материалов. Лучше, чтобы внутренний слой был изготовлен из натурального материала, без красителей.

- Медицинский респиратор (жесткий).

Жесткая основа позволяет устройству более плотно прилегать к коже лица. Респиратор может использоваться не только медиками, но и в быту. Например, он эффективно защищает дыхательные пути от пыли и загрязнений при различных строительных и ремонтных работах. Респиратор можно носить до 6 часов.

- Медицинский респиратор с клапаном выдоха.

Специальный клапан защищает маску от раздувания при вдохе и выходе, обеспечивает более плотное прилегание. Такой респиратор комфортнее носить. Может использоваться как для защиты от инфекций, так и от аллергенов во время сезона цветения соответствующих растений.

**Источник: medaboutme.ru**

# Простуда, ОРЗ, ОРВИ, грипп –

## чем они отличаются

**Дети гораздо чаще взрослых болеют простудными заболеваниями. Этот факт известен многим. С началом холодного сезона большинство родителей сталкиваются с проблемой – ребенок плохо себя чувствует, повышена температура, насморк, кашель... Причиной этих симптомов могут быть простуда, ОРЗ, ОРВИ или грипп, но чем же отличаются эти заболевания? Как узнать, чем именно заболел ваш ребенок? Как защитить его от вирусных инфекций?**

### Отличия простуды, ОРЗ, ОРВИ и гриппа

Одно из первых и основных отличий – эти болезни вызываются разными вирусами (вирус гриппа, вирус парагриппозной инфекции, аденовирусные инфекции, риновирусные инфекции и т.д.). Существует более двухсот видов различных вирусов. Очень важно вовремя понять, чем именно заболел ваш ребенок. Неправильно вылеченный грипп опасен серьезными осложнениями. Существуют легкие осложнения: бронхиты, отиты, пневмония, поражение мочевых путей, пеунефриты, и более тяжелые: невриты, энцефалит, серозные менингиты.

Ученые выделяют три основных типа вируса гриппа – А, В и С. Наиболее принципиальное их различие – это способность изменяться. Так, вирус гриппа С практически стабилен. Один раз переболев, человек почти на всю жизнь имеет иммунитет, то есть заболеть гриппом С можно лишь при первой встрече с ним. Этот вирус гриппа широко распространен и им болеют только дети. Вирус гриппа В изменяется, но умеренно. Если грипп С – болезнь исключительно детей, то грипп В – преимущественно детей. Грипп А – самый коварный, именно он, постоянно меняясь, вызывает эпидемии.

Следующее отличие – это разное протекание болезней. Грипп начинается внезапно и сопровождается резким скачком температуры. Появляется выраженная интоксикация организма, которая имеет следующие симптомы:

Главное отличие острых респираторных инфекций от гриппа заключается в том, что при них наименее проявлена температура, она редко поднимается выше 38°C, и на первый план выходят катаральные явления: изобилующий насморк, боль в горле, влажный кашель.

Термином ОРВИ (острая респираторная вирусная инфекция) обозначают те ОРЗ (острое респираторное заболевание), при которых доказана или, чаще, предполагается этиологическая роль респираторных вирусов. Обычно из этой группы исключают грипп, который диагностируется только при наличии характерных симптомов (особенно во время эпидемии) или лабораторного подтверждения.



Простуда у детей и взрослых является чаще всего следствием переохлаждения, и имеет схожие симптомы с вирусными инфекциями. Вообще, ОРЗ – это общее обозначение простуды. Но простуда может поражать разные органы. В связи с этим различают следующие виды ОРЗ: ларингит, ринит, тонзиллит, фарингит, бронхит, бронхиолит, назофарингит.

Из всех заболеваний, которыми болеют дети, на долю гриппа и ОРВИ выпадает 94%. Чаще всего дети заражаются гриппом от взрослых, так как особенностью гриппа является быстрое распространение. Особенно это касается детей, которые находятся в организованных коллективах, например, в детских садах и школах.

### Особенности лечения и профилактики

Для профилактики вирусных инфекций педиатр советует меньше находиться в местах скопления людей. Если этого не избежать, старайтесь всегда использовать специальные защитные маски. В периоды эпидемий ограничьте посещение ребенком спортивных кружков, магазинов и любых других общественных мест. При малейших признаках заболевания лучше не отправлять ребенка в школу или детский сад.

Необходимо заранее уделить особое внимание укреплению иммунитета ребенка. Грудным и очень маленьким детям необходимо обеспечить правильное вскармливание, питание и уход. Детям постарше назначают витаминотерапию.

Основой лечения всех ОРВИ является применение симптоматической терапии. Она включает в себя правильный питьевой режим, прием жаропонижающих и антигистаминных препаратов, витамина С. Необходимо выпивать не менее 2-х литров жидкости в сутки. Это помогает организму справиться с потерей жидкости вследствие сильного потоотделения при высокой температуре, а также способствует разжижению мокроты и ее отхождению при кашле. Во время болезни организм теряет не только воду, но и полезные вещества, поэтому для питья следует использовать напитки, содержащие витамины и микроэлементы. Лучше всего пить минеральную воду, соки, ягодные морсы.

При ОРВИ жаропонижающие препараты используют для снижения температуры, а также для уменьшения воспаления и как обезболивающее средство. Для детей больше всего подходит парацетамол. Он характеризуется хорошей переносимостью, практически не раздражает слизистую оболочку желудка, не вызывает тяжелых аллергических реакций и синдрома Рея у детей. Парацетамол применяется даже для лечения детей младше 3-х месяцев.

Очень часто ОРВИ сопровождаются заложенностью носа, обильным отделением слизи из носовых ходов и т.п. Обычно в таких случаях рекомендуется использовать антигистаминные препараты. Они хорошо снимают отечность и помогают детям легче переносить болезнь.

Как лечить простуду у детей, ведь они так не любят принимать лекарства? В таком случае лучше всего для их лечения подходит комплексный препарат. Но ошибочно полагать, что чем больше компонентов входит в состав лекарственного препарата, тем эффективнее он будет. Состав классического комплексного лекарства – это парацетамол, антигистаминное средство и витамин С.

**Источник: medportal.ru**

# 77 иностранным гражданам провели операции по пересадки органов



**Программа по обеспечению более широкого доступа общественности к сложным и дорогим операциям была продолжена в 2018 году.**

В течение 2018 года на базе ГУ «Национальный научный центр трансплантации органов и тканей человека», были проведены 104 операций по пересадке почки, а также 10 операции по пересадке печени.

В то же время, чтобы уменьшить количество людей, выезжающих за границу для диагностики и лечения сотрудниками «Национального научного центра трансплантации органов и тканей человека», проводятся операции по пересадке костного мозга. Всего за годы работы проведено 7 таких операций.

Стоит отметить, что за семь лет работы Центра, было проведено также 77 операций иностранным гражданам, в том числе 27 гражданам Азербайджана, 21 гражданам Киргизии, 16 гражданам Израиля и другим.

В 2018 году в Государственном учреждении «Республиканский научный центре сердечно-сосудистой хирургии», Областном центр сердечно-сосудистых заболеваний г. Худжанд, Частный медицинский центр "Ибн Сино" и "Республиканском клиническом центре кардиологии всего за отчетный период проведено 1624 хирургических операций при сердечно-сосудистых заболеваниях (в 2017-1272), 1434 ангиопластических операций (в 2017-1197 ) и 418 ангиопластических и статических (в 2017-311) операций, а также за отчетный период 194 пациентам проведены операции по замене суставов на искусственный протез (в 2017-190).

**М. МУМИНШОЕВНА**

# Чӣ гуна дандонҳоро солим нигоҳ дорем?



**Дандонҳои сафеду солим диққатҷалбкунанда мебошанд ва ҳамеша ҳангоми муошират бе ягон хиҷолат метавонед суҳбат намоед. Ба дандонҳои садафмонанду табассуми зебо ноил шудан на он қадар вақти зиёдро талаб мекунад, зеро ҳар яки мо медонем, ки чӣ тавр бояд дандонҳоро нигоҳубин намоем, то онҳо солиму зебо бимонанд.**

## 1 НИГОҲУБИНИ ДАНДОН

Нигоҳубини дандонҳо вақти зиёдеро талаб намекунад. Барои нигоҳубини дандонҳо якчанд корҳоро бояд ба анҷом расонид. Аввал, дар як рӯз ду маротиба шустани дандонҳо, ки на ҳама ин қоидаҳоро риоя мекунанд. Бисёриҳо дуюм маротиба шустани дандонро ҳангоми шабонгоҳон фаромӯш мекунанд ё хуши шустани онро надоранд. Вале онҳо огоҳ нестанд, ки шустани дандонҳо пеш аз хоб дандонҳоро аз кариесу микробҳо ва касалиҳои гуногун нигоҳ медорад. Дандонпизишкон бар он назаранд, ки шустани дандонҳо пас аз ҳар бори хӯрок хӯрдан аз манфиат холӣ нест.

## 2 ТАРЗИ ДУРУСТИ ШУСТАНИ ДАНДОН

Ба ғайр аз он ки дандонҳоро дар як рӯз ду маротиба шустан лозим аст, он тарзи махсуси шустани худро дорад. Ҳангоми шустан чуткаро сахт ба милкҳои дандон зер кардан лозим нест, зеро милкҳои дандон метавонанд осеб бинанд ва ҳассосияташон баланд шавад. Инчунин, бояд дандонҳоро бо оби ширгарм шуст, зеро бо оби хунук шустан милки дандонҳоро ба хунравӣ ва бемориҳои милк оварда мерасонад. Набояд фаромӯш сохт, ки баъди хӯроки гарм дарҳол нӯшокиҳои хунук нушидан ба дандонҳо таъсири манфӣ расонида, онҳоро ба камқувватӣ, хунравӣ ва илтиҳоби милкҳо оварда мерасонад.

## 3 ИНТИХОБ ВА ИСТИФОДАИ ДУРУСТИ ЧУТКАИ ДАНДОНШӮӢ

Ҳангоми интихоби чуткаи дандоншӯӣ бодиққат будан лозим аст. Онро вобаста ба талаботи дандонҳои худ интихоб менамоянд. Нафароне, ки бо милкҳо ва эмали дандонҳояшон мушкилӣ доранд, бояд чуткаи дандоншӯии мулоимро интихоб намоянд ва нафароне, ки мушкилӣ надоранд, аз дандоншӯякҳои умумӣ метавонанд истифода баранд.

Дандоншӯякро дар як моҳ ду-се маротиба бояд иваз кард. Чуткаи дандоншӯиро баъди гузаронидани беморӣ ҳатман бояд иваз кард. Чуткаи калонсолон аз чуткаи кӯдакон бояд дар алоҳидагӣ истад, зеро ҳангоми як ҷо будан хавфи гузаштани микробу бактерияҳо вуҷуд дорад.

## 4 МУРОҶИАТ БА ДАНДОНПИЗИШК

Илтиҳоби милкҳои дандон на танҳо ба гигиенаву беаҳаммиятӣ вобастагӣ дорад, балки дигар омилҳо низ вуҷуд доранд; ғизои носолим, камхобӣ, стресс ва паст шудани масунияти бадан метавонад ба дандонҳо ва милкҳои он зарар расонад. Аз ин рӯ, мебояд ба гигиенаи дандонҳо диққат дод ва дар як сол ду маротиба барои пешгирии бемориҳо ба назди дандонпизишк рафт.

# Нигоҳубини пӯсти рӯй

**Бо фарорасии фасли сардиҳо пӯсти инсон албатта ба нигоҳубин ниёз пайдо мекунад. Новобаста аз он, ки сардиҳо дар моҳи ноябр сар мешаванд, пӯсти рӯй аз аввалҳои тирамоҳ ба мушкилиҳо дучор мегардад. Чунки аз гармиҳои фасли тобистон яку якбора ба шамолу сардии тирамоҳу зимистон дучор шудан, албатта ба пӯсти рӯй зарари ҷиддӣ мерасонад. Аз ин рӯ, мо бояд ба нигоҳубини пӯсти рӯй аз аввали моҳи тирамоҳ шурӯъ намоем.**



Дар фасли зимистон пӯсти инсон ба баъзе мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешавад. Аз сардии ҳаво, вазидани шамол, иваз шудани ҳарорат хангоми аз хона ба кӯча баромадан ё баракс, аз кӯча ба хона ё ягон бино ворид шудан, пӯсти рӯйи мо метавонад зарар бинад. Яъне, хушкшавии пӯст, пӯстпартоӣ, пайдо шудани ожангҳои гирди чашмон, ивазшавии ранги пӯст, баровардани донача метавонад ба миён ояд. Дар чунин ҳолатҳо пӯстро метавонед бо ҳар гуна малҳамҳо муҳофизат намоед.

Набояд фаромӯш кард, ки ниқобро ба пӯсти рӯйи худ мувофиқ интихоб кардан лозим аст. Зеро, ниқоб барои пӯсти хушкро мо наметавонем дар пӯсти равганин истифода бубарем. Ҳар як пӯст ба худ малҳам ё ин ки ниқоби махсусро дорад. Пас, бонувон ҳангоми интихоби малҳамҳо бояд эҳтиёткор бошанд.

Рӯйро бояд бо малҳами ширӣ ва бо ёрии пахта тоза кунед. Баъдан, барои пӯст ниқоби махсус омода созед. Агар шумо пӯсти муқаррарии хушк ва ҳассос дошта бошед, пас метавонед дар як ҳафта 2-3 маротиба ва агар равганин бошад, 1 маротиба аз ниқоб истифода баред.

### Ниқоб бо ях ва малҳам

Дар шароити хона, дар як ҳафта ду маротиба рӯйро бо собун тоза шуста, бо пораҳои ях рӯй ва гарданро маҳс намоед. Сипас рӯйро бо сачоқ пок карда, аз кремҳои мулоимкунанда memolem. Бо чунин амал мо пиршавии бармаҳали пӯстро пешгирӣ менамоем.

### Маслиҳати дуюм

Бонувоне, ки мехоҳанд ҳама вақт ҷавону зебо бимонанд, аз чунин маслиҳат метавонанд истифода баранд. Ҳар шом пеш аз хоб рӯйро бо чои кабуд бишӯянду, пок накарда 10-15 дақиқа сабр кунанд. Боз чунин амалро такрор намоянд. Баъди ин пӯсти рӯйи шумо тарангу ҷилодор ва ожангҳо камтар мешаванд.

### Ниқоб бо майонез

Нафароне, ки пӯсти рӯйяшон хушк мебошад, метавонанд аз тавсияи зерин истифода кунанд. Дар як ҳафта ду маротиба, шаб пеш аз хоб дар руйи тоза майонезро молед ва 20-25 дақиқа гашта, сипас рӯйро шӯед. Ин амал барои рӯи шумо мулоимӣ ва ҷило мебахшад. Ин корро бештар дар фасли тирамоҳу зимистон кардан беҳтар аст. Чунки дар фасли сармо пӯсти рӯй хушк гардида, аз сабаби пастшавии ҳарорати ҳаво рагҳои хунгард танг шуда, дар пӯсти рӯй камшавии воситаҳои ғизоӣ, ки тавассути хун мегузарад, мушоҳида мегардад. Барои ҳамин, дар фасли сармо пӯстро бояд бо маҳлулҳои фоидаовар таъмин намуд, инчунин аз сармо ва шамол муҳофизат намоед.

Дар фасли сармо натанҳо бо малҳамҳо, балки ба хӯрок низ бояд аҳамият диҳем. Ғизои солим - ин хӯрокҳои якум мебошанд. Нафароне, ки мехоҳанд зебо ва солим бошанд, бояд хӯрокҳои дуюмро камтар истеъмол намоянд. Чун дар фасли зимистон меваю сабзавоти тару тоза камтар аст, мо бояд пӯсти рӯйро бо кремҳо, малҳамҳо ва витаминҳои А,С,Е таъмин намоем.

**Масъули саҳифа Зайнаб АНВАРӢ**


Паёми шифо

МУАССИС:

ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

**Насим Олимзода,** вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Саида Умарзода,** муовини вазир

**Азиз Одиназода,** муовини вазир

**Шодихон Ҷамшед,** муовини вазир

**Мирҳамуддин Камолзода,** муовини вазир

**Дилором Содиқова,** ёрдамчии вазир

**Султон Бекмуродзода,** сардори Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

**Абдулҳаким Холзода,** директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

**Директори Маркази матбуоти вазорат:** Бибихонум Дарвешзода

**Сармуҳаррир:** Қавомуддин Афсаҳзод

**Тарроҳ:** Сафаралӣ Сатторов

**Ҳайати эҷодӣ:** Гулрухсор Маҳмадалиева, Зайнаб Анварӣ, Майгуна Муборакшоева, Иброҳим Ятимов, Хусрав Шоҳсаидов

Ҳафтанома таҳти №120/РЗ 97 аз 29-уми январи соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шудааст.

Барои риояи гуногунандешӣ матолибе низ ба табъ мерасанд, ки мухолифи дидгоҳи ҳайати эҷодист. Ба дурустии далелу рақамҳо муаллифон ҷавобгаранд.

Мавод дар шакли электронӣ, дар ҳаҷми на камтар аз 2 саҳифа бо ҳуруфи Times New Roman Tj, андозаи 14 қабул карда мешавад.

Ҳафтанома дар ҶДММ “Мега –принт” ба табъ расид.
**Теъдоди нашр:** 2000 нусха.
**Нишонӣ:** ш. Душанбе, н.Фирдавсӣ, кӯч. Деҳотӣ 48 69, тел 44-600-60-02

Дар ҳафтанома аз маводу матолиби интернет низ истифода шудааст.